**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*СУД 339. 543 (575.3)* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Ғаюрова Рано Саидмуродовна**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

бароии дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ)

*Роҳбари илмӣ:*
*номзади илмҳои иқтисодӣ*
*Раҷабова Н.Р.*

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА


| | Саҳ. |
|---|---|
| **НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО** | **3** |
| **МУҚАДДИМА** | **4** |
| **БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ** | **16** |
| 1.1. Нақши бозори хизматрасониҳои гумрукӣ дар иқтисодиёти миллӣ | 16 |
| 1.2. Низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ | 34 |
| 1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ | 52 |
| **БОБИ II. ВАЗЪИ ҲОЗИРА ВА РУШДИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН** | **72** |
| 2.1. Ҷабҳаҳои консептуалии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ | 72 |
| 2.2. Таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 81 |
| 2.3. Амсилаҳои иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук | 108 |
| **БОБИ III. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | **116** |
| 3.1. Ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир | 116 |
| 3.2. Арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ | 134 |
| 3.3. Самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 149 |
| **ХУЛОСА** | **163** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** | **168** |
| **ЗАМИМА** | **187** |

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО

| | | |
|---|---|---|
| КОА | - | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| СУГ | - | Созмони умумиҷаҳонии гумрук |
| СУС | - | Созмони умумиҷаҳонии савдо |
| ФИБ | - | Фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ |
| ДГБ | - | Декларатсияи гумрукии бор |
| ИИАО | - | Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё |
| ИА | - | Иттиҳоди Аврупо |
| СМР-2030 | - | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 |
| ИДМ | - | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| СИХ | - | Системаи идоракунии хавф (риск) |
| СИТГ | - | Системаи идоракунии хавфи гумрукӣ |
| ТМХ ФИБ | - | Таснифоти хизматрасониҳо дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ |
| ISO 9000 | - | Системаҳои менеҷменти сифат |
| ААИ | - | Андоз аз арзиши иловашуда |
| ММД | - | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар раванди рушди иқтисодиёти кишвар хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ муҳимтарин воситаи ҳифзи иқтисодиёти он ба ҳисоб мерав止анд. Аз тарафи дигар, танзим, банақшагирӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ иҷрои вазифаҳои муҳимеро оид ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини бехатарии иқтисодиёт, ғанӣ гардонидани буҷети давлатиро дар бар мегиранд.

Пешбурди фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, пешгирии воридоти ғайриқонунӣ, таъмини рақобатпазирӣ дар қаламрави гумрукӣ, беҳдошти муносибати мутақобила бо дигар кишварҳо, риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук равона карда шудааст.

Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки омили асосии таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ воридшавии кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад, ки яке аз нишондиҳандаҳои он ҷонибдории кишвар аз баланд бардоштани сатҳи ошкор ва дастрасӣ дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Тадбири муҳими бештар ба рушди тиҷорати байналмилалӣ мусоидаткунанда фаъолияти босуботи гумрукӣ, ташкили низоми боэътимоди танзими гумрукӣ, аз ҷумла расмиётҳои стандартишуда, соддагардонидашуда, ҳамоҳангшуда, шаффоф ва пешгӯишаванда мебошанд, ки назорат ва барасмиятдарории гумрукиро дар раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ таъмин мекунанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани фаъолият ва истифодаи оқилонаи низомҳои гумрукӣ ба қоидаҳои байналмилалӣ яке аз ҷойҳои муносибро ишғол менамояд. Мутаассифона, ҳалли масоили пешниҳоду танзими хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ то ҳол пурра ба талаботҳои ҷойдошта ҷавобгӯ намебошанд. Бо вуҷуди ин, тамоюли ҷаҳонӣ ва рушди иқтисодиёту муносибатҳои

мутақобилаи солҳои охир, аз нав дида баромадани сиёсати гумрукиро дар ҷумҳурӣ бо назардошти амалӣ намудани сиёсати мутавозуни рушди тиҷорат ва таъмини самаранокии танзими тарифию гумрукиро тақозо менамояд.

Дар ин радиф яке аз масъалаҳои муҳими рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, бешубҳа, вусъат ва рушди фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар ин самт тадбирҳои маъмурии танзимкунандаи давлатӣ ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷорӣ карда шавад. Бешубҳа, рушди иқтисодиёти кишвар ва муносибатҳои байналмилалӣ бо сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол сари вақт амалӣ гардида истодааст[1].

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз мушкилоти рушди фаъолияти байналмилалӣ, истифодаи иқтидори содиротии кишвар, нокифоягии саривақт ҷамъоварӣ намудани пардохтҳои гумрукӣ мавҷуд буда, ин истифодаи самараноки ҷойгиркунии молҳоро таҳти низомҳои гумрукӣ тақозо менамояд. Бо назардошти ин дар асоси пешбурди тадқиқоти илмӣ дар самти ташкили механизми самараноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ имконият медиҳад. Мушаххасоти мазкур муҳимияти интихоби мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни масоили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ диққати ҷиддӣ дода шудаанд.

Масъалаҳои ташкил ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар корҳои олимони хориҷӣ: А.Смит, Андреев С.Н., Хайек Ф.А., Друкер П., Эрроу К.,

[1] Паёми Президенти Ҷумурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016 . шаҳри Душанбе, http://president.tj/node/13739

Норт Д., Самуэлсон П., Шумпетер Й., Хаскинс Д. ва дигарон дида баромада шудааст.

Паҳлуҳои ҷудогонаи фаъолият, пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ аз тарафи олимони ватанӣ ба монанди: Фақеров Ҳ.Н., Раҷабов Р.К., Қудратов Р.Р., Ҳасанов К.Ҳ., Каримрва М.Т., Комилов С.Ҷ., Нидоев Н.Ф., Нидоев П.Ф., Ҷаборов А.И., Саидмуродов Л.Х., Самиев Ф.Б., Раҷабова Н.Р., Ҳикматов С.И., Азимӣ А., Ғуломзода Ш.Х. ва дигарон ба анҷом расонида шудааст.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони зикршуда ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Ҳамин тариқ, вазъи муосири иқтисодию иҷтимоӣ, омӯзиши нокифояи мушкилоти рушди механизми танзими тарифию гумрукӣ, ҳавасмандгардонии рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар асоси пешниҳоди хизматрасониҳои босифат, интихобу истифодаи низомҳои гумрукӣ аҳамияти муҳим дошта, гузаронидани таҳқиқоти муфассалро тақозо мекунад.

Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ тадқиқи хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ дида баромада шуда бошад ҳам, мутаассифона масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон начандон пурра омӯхта шудааст ва ҳалли онро дар шароити муосири рушди иқтисодиёти кишвар бамаврид мешуморем.

Дар раванди омӯзиши хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ бошад, ба таъкиди корҳои олимони хориҷӣ ба монанди Сандровский К.К., Е.Ф. Авдокишин, А.А. Артемиев, С.В.Барамзин, К.Г. Борисов, Н.М.Блинов, А.Д.Ершов, В.Б.Мантусов, Ю.Е.Гупанова, И.С.Ермилов, А.М. Ляпунов, И.Л. Петрухина, В. Ю. Преснякова, Г.В. Элова, В.В. Наумов, В.И. Теплов, П.Л.Чебишев ва дигарон метавон диққати махсус диҳем.

Дар асоси баррасии механизми ташкилию иқтисодӣ пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, хусусиятҳо ва шартҳои татбиқи онҳоро дар амал омӯхта, муайян кардем, ки дар адабиёти ватанию хориҷӣ, масъалаи интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳтар шудани таъсири онҳо дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва бехатарии кишвар ҳамаҷониба тадқиқ карда нашудаанд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи диссертатсия бе баҳс мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятнок ва рушди илми иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 муайян гардидааст, робита дорад.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз рӯйи мавзуъҳои “ Рушди инноватсионии бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (нақлиёт, гумрук, логистика, соҳаи иҷтимоӣ ва молиявӣ)” (РБ 0121TJ1204) ва “Баланд бардоштани сифати соҳаи хизматрасонӣ” (РБ 0121TJ1202), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади диссертатсия ин такмили асосҳои назариявию методӣ ва механизми интихобу истифодаи низомҳои гумрукӣ ва мукаммалгардонии онҳо дар раванди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсади зикршуда гузориш ва ҳалли вазифаҳои зеринро диссертатсия дар бар мегирад:

- омӯзиши моҳият ва нақши бозори хизматрасониҳои гумрукӣ дар иқтисодиёти миллӣ, таҳқиқи низомҳои гумрукию хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии рушди пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- баррасии асосҳои консептуалии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ ва гузаронидани таҳлили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- коркарди амсилаҳои иқтисодию риёзии истифодаи низомҳо дар мақомоти гумрук;
- ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир ва арзёбии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- асосноккунӣ ва пешниҳоди самтҳои мукаммалгардонии низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот оид ба** аҳамият ва афзалиятҳои истифодабарии низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баромад мекунанд, ки дар равандҳои ташаккул ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар давраи имрӯзаи инкишофи иқтисодиёти кишвар ба миён меояд.

**Фарзияи таҳқиқот** оид ба пешниҳоди нақши низомҳои гумрукӣ барои таъмини сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии хадамоти гумрук асос ёфтааст. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда, ин ба интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ барои такмил додани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот ин корҳои илмии таҳқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои гуногуни хизматрасониҳои гумрукӣ ба шумор меравад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқот ба равишҳои системавӣ ва комплексӣ ҳангоми омӯзиши нишондиҳандаҳои протексионии танзими фаъолияти гумрукӣ, истифодаи низомҳои гумрукӣ, инчунин бо якҷоягии омӯзиши муфассали манфиатҳои миллӣ асос меёбад.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти ҳисоботии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд, маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда ва натиҷаҳои таҳқиқотии шахсии довталаб баромад мекунанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усулҳои таҳқиқи равандҳои таҷрибавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ, риёзию иқтисодӣ ва ҳамчунин усулҳои махсус истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Давраи кори иҷрои диссертатсионӣ солҳои 2012-2023-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нововарии илмӣ ва муқаррароти таҳқиқоти диссертатсия, дар он таҷассум меёбад, ки мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди хизматрасониҳои гумрукӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, роҳҳои муосири ҳалли масъалаҳои онҳо нишон дода шудааст. Навгонии илмӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар муайян карда шуда, таснифи намудҳои ин хизматрасониҳо барои таъмини фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ гузаронида шудааст. Вобаста ба ин, хизматрасониҳои гумрукӣ барои

пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд.

2. Дар асоси таҳқиқ таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Инчунин, тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷи дуру наздик мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки равишҳо ва принсипҳои асосие, ки барои рушди системаи хизматрасонии давлатӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ истифода мешаванд, муайян карда шаванд.

3. Ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон тартиб дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

4. Дар асоси таҳқиқ омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд муайян карда шудаанд. Бо истифодаи ин натиҷаҳо амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар

мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзӯр намудани назорати гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои байналилалиро дар соҳаи гумрукӣ дар сатҳи ҷавобгӯи мавҷуда қарор дода шавад.

5. Ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ; самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ; такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалии мақомоти гумрукӣ; такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо; рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук; рушди технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии мақомоти гумрук; такмили кор бо кадрҳо; рушди намудҳои муосири экспертиза ва таҳқиқот ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ; такмил додани инфрасохтори гумрукӣ ва ғайраҳо ба сомон расонида шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил ба анҷом дода шудааст.

6. Асоснокkунии дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар асоси гузаронидани ҳисобҳои экспериментали ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод гардидааст. Самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисматҳои зеринро дар бар мегиранд:

- ✓ таъмини рушди инноватсионии пояи моддию техникии мақомоти гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт;
- ✓ таҳким ва рушди инфраструктураи гумрукӣ бо мақсади истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- ✓ дуруст ба роҳ мондани алоқаи мутақобилаи байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, терминалҳо;
- ✓ истифодаи самараноки намудҳои махсуси мақомоти гумрукӣ;
- ✓ ташаккул ва рушди хизматрасонии гумрукию терминалӣ;
- ✓ рушд ва мукаммалгардонии сиёсати гумрукӣ;
- ✓ созмон додан ва ҷорӣ намудани гумруки рақамӣ ва ғайра.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя чунин натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тадқиқот пешниҳод карда мешаванд:

- омӯзиши моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар, таснифи намудҳои низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ;
- муоинаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон;
- тадқиқи ҷабҳаҳои консептуалии истифодаи модели самараноки идоракунӣ, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, амсиласозии иқтисодию риёзӣ ва таҳияи стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ, истифодаи низомҳо ва баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ;
- пешниҳоди дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсияро аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои танзими фаъолияти гумрукӣ истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин маводи диссертатсияро кормандони хадамоти гумрук ва намояндагони мақомоти давлатӣ метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисолаи мазкур дарҷ гардидаанд, аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Барномаи рушди танзими хизматрасониҳои гумрукӣ ва хизматрасонӣ барои давраи баррасишавандаи оянда то соли 2030 пешбинӣ карда шудааст.

Илова бар ин, натиҷаҳои бадастовардашуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди таҳияи нақшаҳо ва татбиқи ҷобаҷогузории мақомоти гумрук ва дигар воситаҳои инфрасохтории он, (нақлиёт, алоқа, коммуникатсия ва ғ.) бо мақсади баланд бардоштани нақши низоми гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифода баранд.

Коркарди асосҳои назариявии муаллиф дар хондани фанҳои «Иқтисодиёти фаъолияти гумрукӣ», «Ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт», «Танзими тарифи гумрукии фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ» барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

Муқаррароти рисоларо метавонанд дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумрук, инчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус вобаста ба фанҳои «Фаъолияти гумрукӣ» ва «Масоили назария ва амалияи барасмиятдарории гумрукӣ», “Ташкили назорати гумрукӣ”, “Пардохтҳои гумрукӣ” истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот тавассути таҷрибаҳо, эътимоднокии маълумот, миқдори кофии маводи тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва корҳои нашршуда тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натичаҳои тадқиқотӣ назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои 1.Таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо; 3.Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;5.Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии сохторҳои онҳо;22.Рушди инфрасохтори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;24.Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо;25.Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифию гумрукӣ; 28.Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 31.Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ; 41.Механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасонҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ аз ҷумла, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва

мубрамияти он мақсади гузаронидашуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмили мукаммалгардонӣ ва муаяйнсозии самтҳои афзалиятнокии истифодаи низомҳои гумрукӣ саҳми худро гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмию методӣ ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия барои асосноккунии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таҳия гаштаанд, дар фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллиф, муҳимияти амалии таҳқиқоти илмӣ ва маводи воқеии истифодашуда барои хондани курсҳои махсус дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёни хадамоти гумрукӣ татбиқ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 7,7 ҷ.ч., аз он ҷумла 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти баанҷомрасонидашуда сохтори диссертатсияро муайян мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 209 саҳифа инъикос гардида, дар он 19 ҷадвал, 28 расм, оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

## 1.1. Нақши бозори хизматрасониҳои гумрукӣ дар иқтисодиёти миллӣ

Дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти миллӣ, самти муҳими иқтисоди он инкишофи соҳаи хизматрасонӣ ва зерсохторҳои он ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки шумораи кормандоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, нисбат ба шумораи кормандони соҳаҳои дигари иқтисодиёт бештар мебошанд.

Дар айни замон, дар раванди пешниҳод ва расонидани хизматҳо талаботи соҳаҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва аҳолӣ ба назар гирифта мешаванд. Хизматҳо аз ҷониби шахсони алоҳида ва хонаводаҳо фурӯхта мешаванд. Хизматҳое, ки корхонаҳо мерасонад асоси тиҷорати онҳоро ташкил менамояд.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди миллӣ, мо муайян кардем, ки бахши хизматрасонӣ соҳаҳои гуногунро фаро

мегирад. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли миллии баъзе аз кишварҳо, бахши хизматрасонии хусусӣ ва давлатӣ қисми зиёдеро ишғол мекунад. Агар ҳиссаи ин бахшро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида бароем, маълум гардид, ки агар ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон мутаносибан дар солҳои 2010, 2015 ва 2021 - 44,6%, 51,8% ва 50,4%-ро ташкил медиҳад[2]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нақши ин соҳа дар иқтисодиёти кишвар рӯ ба рушд овардааст.

Аз тадқиқи нақши ин соҳа аз тарафи коршиносон бармеояд, ки бахши ташкилотҳои ғайриҳукуматии ғайритиҷоратӣ дар шакли намудҳои ҷудогонаи хизматрасониҳо, фаъолияти хайриявӣ, таълимӣ, бунёдҳои мухталиф, беморхонаҳо ва дигарҳо ба назардошти ба даст овардани фоида фаъолият мекунанд. Хусусан мавқеи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, суғуртавӣ, машваратӣ, бонкҳо, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ, саноатӣ, таҳқиқотӣ, агентиҳои рекламавӣ ва дигарҳоро ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки хизматрасонӣ ин ҳама гуна фаъолият ё фоидаест, ки як тараф метавонад ба тарафи дигар пешниҳод намояд, ё хизматрасонӣ ин ҳама гуна рӯйдод ё фоидаест, ки як тараф метавонад ба тарафи дигар пешниҳод кунад.

Дар бозори хизматрасонӣ намудҳои ҷудогонаи он амал мекунанд, ки ҳар яке аз онҳо мавқеъ ва нақши худро дар иқтисодиёти миллӣ ишғол менамоянд. Бозори хизматрасониҳои гумрукӣ яке аз бозорҳои тез рушд ёфта ба ҳисоб меравад ва дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҷои назаррасро ишғол манамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки “дар ҳақиқат, гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук на танҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти

[2] Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -с.215.

давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад”[3].

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ, ки ба қисми даромади буҷаи Тоҷикистон ворид мешаванд афзуда истодааст ва дар соли 2022 қариб 23% -и даромадҳои воридотии буҷетро ташкил медиҳанд[4]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нақши мақомоти гумрукӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар назаррас аст ва ин тамоюл дар оянда боз хубтару беҳтар мегардад ва сифати хизматрасониҳои гумрукӣ баланд бардошта шуда, алоқаҳои судманд бо мақомоти гумрукии кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монда мешаванд. Мутаассифона масъалаҳои зиёди иқтисодию ташкилӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ дар ин раванд мавҷуданд, ки ҷиҳати беҳдошти фаъолияти гумрукӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ҳалли худро тақозо мекунанд.

Бо ин хотир зарур аст, ки ҷиҳати ёфтани роҳҳои судманд барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити муосир диққати зарурӣ диҳем.

Дар ин раванд мавқеи муҳаққиқони ватанию хориҷиро баррасӣ менамоем. Дар кори худ[5] Нидоев Н.Ф. таҳлили муфассали вазъият ва рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида баромада, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили танзими давлатии мақомоти гумрук, беҳтаркунии риояи меъёрҳои маъмурӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ бо истифодабарии қонунгузории гумрукиро дар шароити муосир пешниҳод кардааст.

Аз тарафи дигар тадқиқи таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки маъмурикунии гумрукӣ яке аз масъалаи асосӣ ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама батанзимдарории бозори хизматрасониҳои гумрукиро дар назар дорад.

[3] https://gumruk.tj/ (рӯзи воридот 20.09.2022).

[4]Сарчашма: Маълумотҳои омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023.-157с.

[5] Нидоев Н.Ф. Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили танзими давлатии мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Вестник Таджикского государственого университета коммерции (научный журнал) №3(37)-2021.-С.16-23.

Инчунин мавқеи хосро фаъолияти ташкилотҳои гумрукӣ ва сохтори оптималии идоракунии онҳо дар бар мегирад[6].

Бо назардошти ин зарур аст, ки ақидаҳои гуногунро нисбати хизматрасониҳо дида бароем. Аз баррасии ақидаи муаллифи назарияи Макмиллан бар меояд, ки “хизматрасонӣ ин ҳама гуна функсияҳо ё амалиёте мебошанд, ки барои онҳо талабот вуҷуд дорад ва аз ин рӯ, нархе мавҷуд аст, ки дар бозори дахлдор муқаррар карда шудааст” [7].

Дар асоси омухтани тафсифоти кодекси гумрукии Иттиҳоди Авроосиё[8] мо муайян намудем, ки ба баррасии хизматрасониҳои гумрукӣ диққати махсус дода шудааст ва муаллифон мавқеи онҳоро хело бамаврид баррасӣ намудаанд.

Муаллифони дигар Гречкина О. В., Агамагомедова С. А.дар мақолаи хеш[9] хизматрасониҳои гумрукиро ҳамчун хизматрасониҳои давлатӣ арз намуда, баҳои онҳоро бо назардошти муҳимият ва намудҳои ҷудогонаи пешниҳодшаванда дида баромадаанд.

Аз ин лиҳоз мо мавқеи хизматрасониҳои гумрукиро бо назардошти баррасии унсурҳое, ки мавҳуми онҳоро ташкил медиҳанд ҷудо намудем, ки дар расми 1.1. пешниҳод шудааст.




6 Бойкова М.В. Зарубежный опыт таможенного администрирования/ М.В.Бойкова; под общ. ... нной академии, 2017. -13...

7 Сл... 015. – 450с.

8 Ан... ого союза / О.Г. Анохина. - М.: Проспект, КОДЕКС, 2022. - 448 с.

9 Гречкина О. В., Агамагомедова С. А. Государственные таможенные услуги: понятие, базовые характеристики, виды// Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Общественные науки. – 2016. – № 3 (39). – С.17-31.

Расми 1.1- Унсурҳое, ки мавҳуми хизматрасонии гумрукиро ташкил медиҳанд.

Сарчашма: (пешниҳоди муаллиф)

Аз расми 1.1. бармеояд, ки дар раванди баррасии унсурҳо, функсияҳо, мавқеи хизмат ва натиҷаи фаъолияти мақомоти гумрукӣ, ки ба мақсади амалӣ намудани функсияи давлатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ равона карда шудааст.

Дар раванди баҳодиҳии рушди бозори хизматрасониҳои гумрукӣ омузиши таснифоти химзматрасониҳои гумрукӣ зарур аст. Аз омӯзиши таснифоти хизматрасониҳо дар раванди фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ (ФИБ) бармеояд, ки он дар асоси маводи Таснифи ягонаи молҳо (ТЯМ) таҳия шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки ТМХ ФИБ[10] «ин намуди хизматрасониҳоро ҳамчун хидматҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва зиёда аз он, хидматҳо дар соҳаи гумрук пешниҳод намекунад, ки ин тааҷҷубовар нест, зеро, тавре ки дар сарсухани ин таснифот қайд карда шуд, он бо мақсади таҳлили тиҷорати байналмилалӣ таҳия шудааст ва он намудҳои хидматрасонии ТМХ-ро, ки объектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошанд, дар бар мегирад. Ба ақидаи муаллифи таҳқиқоти “хизматрасонӣ дар соҳаи гумрук объектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ нестанд, балки ба он хизмат мекунанд”[11].

Ба ақидаи мо ҳангоми баррасии хизматрасониҳо яке аз меъёри муайян кардани онҳо ин аст, ки савдои хизматҳо аз тиҷорати молҳои дигар

---

[10] Временный классификатор услуг во внешнеэкономической деятельности (ред. от 06.02.2021) //Справочно-информационная система «Консультант Плюс», 2021. - С. 1.

[11] Нидоев Н.Ф. Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили танзими давлатии мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Вестник Таджикского государственого университета коммерции (научный журнал) №3(37)-2021.-С.16-23.

бо он фарқ мекунад, ки молики он метавонад сарҳадро гузарад ё молро мавриди коркарди гумрукӣ қарор диҳад. Хизматрасонии гумрукӣ нисбати молҳое, ки аз рӯи хусусиятҳояшон аз назорати гумрукӣ нагузаштаанд ва наметавонанд гузарад дар асоси декларатсияи гумрукии бор ҳангоми назорати гумрукӣ сурат гирифта, қайдҳои махсус дар он гузошта мешаванд.

Инчунин яке аз меъёрҳои муайянкунии хизматрасонӣ ин аст, ки савдои хизматрасонӣ аз савдои молҳо фарқ мекунад, ки он метавонад ба таври физикӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшуда ва коркарди гумрукӣ мегузарад. Хизматҳо молест, ки аз сабаби мушаххасоти он тавассути назорати гумрукӣ гузашта наметавонанд ва аз ҷониби декларатсияи гумрукии боркашон иҷро карда намешавад[12].

Бо назардошти ин мо дар расми 1.2. равишҳои умумиро барои таснифоти хизматрасониҳои гумрукӣ пешниҳод намудем.




Расми 1.2. -Равишҳои умумӣ ба таснифоти хизматрасониҳои гумрукӣ

[12] Нидоев П.Ф. Мукамалгардонии механизми меъёрҳои тарифи гумрукӣ дар таъминоти амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: «Ирфон», 2017.- 121 с.; Раджабов Р.К. Региональные особенности развития рынка таможенных услуг. Монография. -Душанбе: Сумани Кудрат, 2014. -150 с.

Сарчашма: (пешниҳоди муаллиф)

Аз расми 1.2. бармеояд, ки таснифоти хизматрасониҳо бо назардошти хизматрасон, истеъмолкунандагон, мақоми ҳуқуқӣ ва характери фаъолият гузаронида шудааст.

Инчунин бояд қайд намуд, ки мавқеи хизматрасонӣ дар ФИБ басо назаррас аст. Аз ин лиҳоз Азамат А. доир ба масъалаи фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ - ҳамчун асоси рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон[13] диққати асосӣ дода тадқиқот ба анҷом расонидааast.

Мувофиқи Кодекси гумруки Тоҷикистон “савдои хизматрасонӣ аз тиҷорати молҳо бо он фарқ мекунад, ки молу мулк метавонад ҷисман аз сарҳади гузарад ва мавриди коркарди гумрукӣ қарор гирад»[14].

Бо дарназардошти андешаҳои болоӣ мо дар он ақидаем, ки «хизматрасонӣ характери ғайримоддӣ дорад ва боиси интиқоли моликият намегардад. Иҷораи ҳуҷраи меҳмонхонаҳо, амонатгузорӣ, парвозҳои ҳавопаймоҳо, ташриф ба пизишк, гирифтани мӯйи сартарошхона, иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ, тамошои филм, таъмири мошин, машварат бо адвокат - ҳамаи ин амалиётҳо ҳар рӯз анҷом дода шуда, бо хариди хизматҳо алоқаманд мебошанд.

Боиси дастгирӣ аст, ки дар Тоҷикистон омӯзиши рушди хизматрасонии гумрукии терминалӣ дар солҳои охир диққат дода шудааст. Дар асоси омӯзиш мо муайян намудем, ки аз тарафи Гадоев Ф.И. асосҳои ташкилию иқтисодии рушди хизматрасонии гумрукии терминалӣ дар Тоҷикистон[15]-ро мавриди тадқиқ қарор додааст. Истифодаи ин механизм имконият медиҳад, ки иқтидори содиротии кишвар тавассути хизматрасониҳои гумрукии терминалӣ дар сатҳи нав қарор дода шавад.

---

[13] Азими А. Внешнеэкономическая деятельность как основа развития сферы таможенных услуг в Республике Таджикистан//Вестник Белгородского университета кооперации экономики и права, №2, 2019. - с. 181-186.

[15] Гадоев Ф. И. Организационно-экономические основы развития таможенно-терминального обслуживания в Республике Таджикистан: автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Гадоев Фирдавси Искандарович. - Душанбе, 2012. -163с.

Бисёр мутахассисоне, ки хизматҳоро меомӯзанд, чунин хизматҳоро дар як бахши алоҳидаи бозори хизматрасонӣ, ба мисли хизматҳои тиҷоратӣ мерасонанд.

Мо чунин мешуморем, ки як хусусияти хизматҳои тиҷоратӣ аз он иборат аст, ки онҳо барои иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебаранд. Аммо, бисёр ширкатҳое, ки хадамоти сохтмонӣ мерасонанд, мошинҳои шахсии худро надоранд ва аз хизмати ширкатҳои нақлиёти автомобилӣ истифода мекунанд.

Дар солҳои охир мақомоти гумрук хизматрасонҳои гумрукиро ба соҳибкорон, пеш аз ҳама ба соҳибкорони истеҳсолӣ афзун намудааст. Ин ҳам ба рушди соҳаҳои асосӣ ва ҳам ба рушди савдои хориҷӣ вобаста аст. Дар баробари ин, бояд ҷойгоҳи муҳим ба таҳқиқи бозор, ҷорӣ намудани фаъолияти маркетинг ва инчунин, пешниҳоди хизматҳои машваратӣ дода шавад.

Ғайр аз он, зарурати кам кардани хароҷоти хариди хизмат бидуни хароҷоти иловагӣ, вобаста ба иҷрои мустақили вазифаҳо ба миён омадааст.

Дар ин раванд истифодаи аутсорсинги хизматрасониҳо ба назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, омили муҳими аутсорсинг интихоби мутахассисони беруна ва худӣ шумо мебошад. Аз ин рӯ, дар шароити дигар, дар муддати як сол ба аутсорсинг муроҷиат кардан аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҷо баҳо додан ба музди меҳнати кормандони худи он мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ Аюбов Д.М. дар кори худ асосҳои ташкилию иқтисодии рушди аутсорсинги хизматрасонии гумрукӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистонро[16] мавриди тадқиқот қарор дода, пешниҳодҳои мушаххас доир ба расонидани хизматҳои аутсорсингии гумрукӣ ба иштирокчиёни ФИБ ирсол намудааст.

[16] Аюбов Д. М. Организационно-экономические основы развития аутсорсинга таможенных услуг в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Аюбов Диловар Мирзошарифович. - Душанбе, 2017. -174с.

Бояд қайд намуд, ки субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешаванд. Ин субъектҳо ба хизматрасониҳои гумрукӣ ниёз доранд. Ин бо он далел шарҳ дода мешавад, ки амалисозии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ дар асоси риояи танзими гумрукӣ ва тарифӣ дар Тоҷикистон асос ёфтааст.

Дар ин раванд баррасии кори Алиев М.Б. доир ба тадқиқи ҷабҳаҳои ташкилию иқтисодии беҳдошти сервиси гумрукӣ дар Тоҷикистон[17] назаррас аст. Инчунин олими ватанӣ Буриев Л.Ҷ. ба масъалаи мукаммалгардонии системаи гузаронидани расмиёти гумрукӣ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон[18] диққат дода , тадқиқот ба анҷом расонидааст.

Таҳлили Кодекси амалкунандаи гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки «танзими гумрукӣ аз муқаррар кардани тартиб ва қоидаҳое иборат аст, ки шахсон ҳангоми риоя намудани он ҳуқуқи интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ амалӣ менамоянд. Ин танзими гумрукӣ мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ амалӣ карда мешавад»[19].

Ба назари муҳаққиқон «Ҳангоми таснифи хизматҳои ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мувофиқ ба нақши онҳо дар гардиши мол дар кишварҳои гуногун, чаҳор гурӯҳи асосӣ, аз ҷумла як гурӯҳи хизматҳо дар соҳаи гумрукро ҷудо кардан мумкин аст: хизматҳо барои хулоса ва хизматҳои молиявӣ ва ҳуқуқӣ барои татбиқи тиҷорати байналмилалии амалиётҳо, аз ҷумла машварат (ҳуқуқӣ, маркетингӣ), тарҷума, хизматҳои миёнаравӣ,

---

[17] Алиев М. Б. Организационно-экономические аспекты улучшения таможенного сервиса в Республике Таджикистан: дисс… канд. экон. наук: 08.00.05/ Алиев Махмаджон Бахронович. -Душанбе, 2016. -175с.

[18] Буриев Л. Дж. Совершенствование системы проведения таможенных процедур в условиях развития рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан) автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Буриев Лоикшох Джугиевич. - Душанбе, 2016. -167с.

[19] Кодеки гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2021.-С.6.

суғуртаи бор ва ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ; хизматрасониҳои логистикӣ барои амалисозии амалиёти тиҷории байналмилалӣ, аз ҷумла хизматҳои экспедитсионӣ ва нигоҳдории бор; хизматҳои марбут ба иҷрои амалҳо бо мақсади иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ, аз ҷумла хадамоти санитарию карантинӣ, карантинӣ ва фитосанитарӣ, байторӣ; хизматрасониҳо дар соҳаи гумрук вобаста ба иҷрои амалҳо бо мақсади иҷрои талаботи қонунгузории гумрук»[20].

Аз тарафи дигар дар раванди хизматрасониҳои гумрукӣ расонидани хизматрасонӣ оид ба экспертизаи гумрукӣ дар раванди гузаронидани назорати гумрукӣ ишғол менамояд.

Ба ин хотир муҳақиқ Раҷабова Н.Р. бори аввал дар таҷрибаи кишвар[21] механизми ташкилии рушди расонидани хизматрасонӣ оид ба экспертизаи гумрукиро ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ дар Тоҷикистон тадқиқот ба анҷом расонидааст.

Аз тадқиқотҳо бармеояд, ки тадқиқи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ яке аз ҷойҳои асосиро дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукӣ ва сатҳу сифати кори кормандони мақомоти гумрук ишғол менамояд. Дар ин раванд тадқиқотҳои Азамат А. -ро доир ба ҳалли масъалаи рушди механизми баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон[22] зарур мешуморем. Мо дар он ақидаем, ки самтҳои асосноки пешниҳод намудаи Азамат А. боиси дастгирӣ мебошанд.

[20] Азими А. Внешнеэкономическая деятельность как основа развития сферы таможенных услуг в Республике Таджикистан//Вестник Белгородского университета кооперации экономики и права, №2, 2019. - с. 181-186.

[21] Раджабова Н. Р. Организационный механизм развития оказания услуг по таможенной экспертизе товаров при проведении таможенного контроля (на материалах Республики Таджикистан) автореферат дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Раджабова Нурхаёт Раджабовна. -Душанбе, 2015. -156с.

[22] Азамат А. Развитие механизма повышения качества таможенных услуг в условиях рыночной экономики (на примере Республики Таджикистан) автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Азамат Азими. -Душанбе, 2019. -182с.

Инчунин дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ мукаммалгардонидани механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода ақидаи муаллиф Ғуломзода Ш.Х.-ро дастгирӣ менамоем, ки дар рисолаи илмӣ механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити муосир дар Тоҷикистонро[23] мавриди омӯзиш қарор додааст.

Бо назардошти омӯзиши хизмати олимони ватанӣ ва хориҷӣ мо таснифи хизматрасониҳоро дар раванди фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ба анҷом расонидем.

Дар маҷмӯ таснифи хизматҳое, ки ба фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ расонида мешаванд, дар расми 1.3. оварда шудааст.

Аз расми 1.3. бармеояд, ки дар шароити кунунӣ ҳалли мушкилоти марбут ба гузариши ҳама расмиёт ва расмиёти зарурии гумрукӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамзамон, бозори хизматрасонии гумрукиро метавон яке аз бахшҳои муҳимтарини бозори хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ номид.




[23] Ғуломзода Ш.Х. Механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ: дисс...номзади илмҳои иқтисодӣ:08.00.05/ Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода.- Душанбе, 2021.-192с.

Расми 1.3. - Таснифи номгӯи хизматҳо барои пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Сарчашма: (пешниҳоди муаллиф)

Ба ақидаи мо, нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ бар чанд омил асос ёфтааст. Аввалан, аҳамияти иқтисодии фаъолияти гумрукиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳад зиёд баҳо додан душвор аст - масалан, дар охири соли 2022 тақрибан 23,0 фоизи даромад ба буҷети давлатӣ аз ҷониби мақомоти гумрук сурат гирифтааст.

Дуюм, сарфи назар аз он, ки Кодекси нави гумрук ба содагардонии расмиёти гумрукӣ равона шудааст ва барои мусоидат ба рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шудааст, иштирокчиёни оддии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳанӯз ҳам аз ӯҳдаи ҳамаи вазифаҳое, ки дар раванди савдои байналмилалӣ дар назди онҳо истодаанд, ба роҳ монданашон душвор аст.

Бисёр мутахассисон мафҳуми «хадамоти гумрук»-ро истифода мебаранд, ки ин боиси нигаронист, Аз ин рӯ хизматҳое, ки ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ ирсол карда мешаванд «хизматҳои гумрукӣ» номида зарур аст.

Қайд кардан муҳим аст, ки танҳо дар соли 1999 дар Федератсияи Россия хизматҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ ба таснифи умумӣ дохил карда шуданд. Инчунин тибқи ин таснифот «ин намуди хизматҳо ба соҳаи идоракунии давлатӣ ва мудофиа; хадамоти суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва дар навбати худ, ба синфи маъмурияти давлатӣ ва хизматҳои маъмурии ҳукумат, ки ба тамоми ҷомеа расонида мешаванд, дигар; хадамоти суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ишора мекунанд»[24].

Аз баррасии ин таснифот бармеояд, ки хизматҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ танҳо ҳамчун хизматҳое, ки аз ҷониби давлат ва аз

---

[24] Общероссийский классификатор видов экономической деятельности, продукции и услуг ОК 004-93 (ред. от 01.02.2021) // Справочно-информационная система «Консультант плюс», 2021. -с. 119

ҷониби мақомоти гумрук пешниҳод мешаванд, фаҳмидан зарур аст, чунки ТМХ ФИБ онҳоро ҳамчун хизмати давлатӣ ва маъмурӣ меҳисобад.

Муаллифи дигар Ғуломзода Ш.Х. чунин мешуморад, ки «дар раванди ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ, мақомоти гумрук бояд тартиби муайянро баррасӣ кунад, ки он ҳамчун хизмате мебошад, ки ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ пешниҳод карда тавонад ва хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ситонида шавад»[25].

Ҳамзамон, дар раванди расонидани хизмат аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва мудофиа; хадамоти суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, пешбурди фаъолияти гумрукӣ як навъ хизмати давлатӣ барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ мебошад[26].

Бояд қайд намуд, ки «мақомоти гумрук, ба монанди ҳама соҳаҳои хизматрасонӣ, бояд сатҳи баланди хизматрасониро пешниҳод кунанд ва роҳбари мақомоти гумрук масъул аст, ки кормандони он ба аҳолӣ хизматҳои баландтаринро пешниҳод кунанд»[27].

Бо дарназардошти ақидаҳои болоии олимон, мо чунин мешуморем, ки нақш ва аҳамияти хизматрасониҳо ба фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ иборат аз он аст, ки онҳо бастаҳо ва амалисозии муомилоти савдоро бо мақсади таблиғи маҳсулот (молҳое, ки шакли моддӣ доранд, инчунин хизматҳо ё моликияти зеҳниро таъмин мекунанд), ки дороиҳои ғайримоддӣ мебошанд, аз фурӯшанда то харидор ба амал мебароранд.

Аз тарафи дигар, ба андешаи мо, мувофиқи намуди провайдери хизматрасонӣ, метавон хизматҳоро дар соҳаи гумрук ба хизматрасониҳое,

---

[25] Ғуломзода Ш.Х. Механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ: дисс...номзади илмҳои иқтисодӣ:08.00.05/ Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода.- Душанбе, 2021.-192с.

[26] Нидоев П.Ф. Мукамалгардонии механизми меъёрҳои тарифи гумрукӣ дар таъминоти амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: «Ирфон», 2017.- 121 с.

[27] Региональные особенности развития рынка таможенных услуг. Монография. - Душанбе: Сумани Кудрат, 2014. -150 с.

ки раванди барасмиятдорорӣ ва назорати гумрукӣ, миёнаравиро татбиқ мекунанд мувофиқи мақсад аст.

Инчунин зарур аст, ки хизматҳо дар соҳаи гумрук ҳамчун як мафҳуми алоҳида, яъне ҳамчун фаъолияти ширкатҳое, ки салоҳияти анҷом додани фаъолияти тиҷоратӣ дар соҳаи гумрукро доранд, муайян карда шаванд.

Ақидаҳои дар боло баёншударо ба назар гирифта, мо дар расми 1.4. намудҳои хизматрасониҳое, ки мақомоти гумрук ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ мерасонад пешниҳод менамоем.




Расми 1.4. – Намудҳои хизматрасониҳои гумрукӣ, ки ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд (таҳияи муаллиф)

Аз расми 1.4. бармеояд, ки намудҳои пешниҳодгардидаи хизматрасониҳои гумрукӣ дар маҷмӯъ ба ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ расонида мешаванд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозори хизматрасонии гумрукӣ ташаккул ёфта ва бо суръати нисбатан тез рушд мекунад. Дар ин раванд мавқеи хосро Ассотсиатсияи брокерҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии назорат аз болои фаъолияти брокерҳои гумрукӣ ва дигар иштирокчиёни бозори хизматрасонӣ дар соҳаи гумрук ишғол менамояд[28].

Бояд қайд кард, ки Ассотсиатсияи брокерҳои гумрукӣ ҳамкории мақомоти гумрукро дар доираҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, ба Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмили расмиёти барасмиятдарории гумрукӣ, ки ба манфиатҳои минтақаҳо, соҳаҳо ва хизматрасониҳои алоҳида дахл дорад масъалаҳои судмандро пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, ассотсиатсия пешниҳодҳоеро, ки аз ҷониби иштирокчиёни бозори Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, пурра ба инобат мегирад.

Мо дар он ақидаем, ки хизматрасонии гумрукиро бо дарназардошти нақш ва аҳамияти онҳо метавон ҳамчун маҷмуи амалҳое муайян кард, ки он бо мақсади таъмини ҳаракати молу воситаҳои нақлиёт тавассути марзҳои гумрукии давлатҳо анҷом дода, молро аз фурӯшанда ба харидор мутобиқи талаботи ин давлатҳо интиқол медиҳанд.

Инчунин мо дар он ақидаем, ки хадамоти гумрук ташкилоти давлатие мебошад, ки риояи чораҳои танзими гумрукӣ ва тарифӣ ва маҳдудиятҳои

---

[28] Азамат А. Развитие механизма повышения качества таможенных услуг в условиях рыночной экономики (на примере Республики Таджикистан) автореф. дисс. …. канд. экон. наук: 08.00.05/ Азамат Азими.-Душанбе, 2019.-182с.; Ғуломзода Ш.Х. Механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои гумрукӣ: дисс...номзади илмҳои иқтисодӣ:08.00.05/ Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода.-Душанбе, 2021.-192с.

.

марбут ба интиқоли молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ таъмин менамояд.

Хусусияти хоси хадамоти гумрук аз он иборат аст, ки "ширкатҳое, ки чунин хизмат мерасонанд, тибқи принсипи асосии Конвенсияи Киото - ба ҳадди аксар расонидани рушди савдои хориҷӣ бидуни осеб расонидан ба самаранокии назорати гумрукӣ амал мекунанд"[29].

Мо дар он ақидаем, ки аломатҳои хизмати давлатӣ хусусияти инфиродии таъминот ва мавҷудияти ҳамкории муштарӣ ва мақомоти давлатӣ дар самти татбиқи ҳуқуқҳо, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои онҳо мебошанд.

Ҳамзамон, як қисми хизматрасонии гумрукро шахсоне пешниҳод карда метавонанд, ки ба мақомоти давлатӣ иртибот надоранд (брокерони гумрукӣ). Онҳоро инфрасохтори гумрукӣ меноманд. Инҳо шахсоне мебошанд, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар асоси шаҳодатномаи махсус намудҳои алоҳидаи фаъолиятро анҷом медиҳанд ва ба феҳристҳои дахлдори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд. Ба ин брокерҳои гумрукӣ (намояндагон), интиқолдиҳандагони гумрукӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дохил мешаванд. Бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти худ, онҳо ҳуқуқ доранд ба шахсони интиқолдиҳандаи мол аз сарҳади гумрукӣ хизмат расонанд, яъне: амалиёти гумрукӣ; боҷҳои гумрукиро пардохт мекунанд; ҳамлу нақли молро таҳти назорати гумрукӣ амалӣ менамоянд; молро барои нигаҳдории муваққатӣ қабул мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ «дар бозори хизматрасонии давлатӣ, хадамоти гумрук дар ҳоли ҳозир дар шаклҳои институтсионалӣ,

[29] Материалы Международной Конвенции об упрощении и гармонизации таможенных процедур. -М., 2018. -54с.

инфрасохторӣ, мурофиавӣ ва технологӣ амалан инҳисорӣ, боқӣ мондааст».[30]

Инчунин хизматрасонии гумрукӣ ин фаъолияти мақомоти гумрукест, ки ба соҳаи гумрук хизмат мерасонанд, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои шахсоне, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд, равона карда шудааст.

Олимони ватанӣ Р.К.Раҷабов ва С.И.Ҳикматов, чунин мешуморанд, ки «Аломатҳои зерини хизматҳои гумрукиро ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст: он дар доираи фаъолияти ҳуқуқии мақомоти гумрук ва шахсони муқаррарнамудаи қонун пешниҳод карда мешавад; мақомоти гумрук ва шахсоне мешаванд, ки намудҳои алоҳидаи фаъолиятро дар соҳаи гумрук амалӣ мекунанд; метавонад ҳам ройгон ва ҳам пулакӣ дода шавад; ба суроғаи шахсоне, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд ё бо чунин ният фиристода мешавад ва ба манфиати онҳо анҷом дода мешавад»[31].

Аз тарафи дигар онҳо дар он ақидаанд, ки намудҳои зерини хизматрасониҳои гумрукиро ҷудо кардан мумкин аст, ки мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод мекунанд:

- хизматҳо барои муайян кардани хосиятҳои воқеии молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро мустақилона ва мутобиқати онҳоро ба хосиятҳои моли муайяннамудаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҳуҷҷатҳои гумрукӣ (маълумот, хизматрасониҳо);

| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаҳои он | 243,2 | 190,6 | 216,8 | 232,0 | 277,5 | 295,2 | 390,3 | 160,49 |
| Маҳсулоти маъданӣ | 571,0, | 484,8 | 485,6 | 582,6 | 628,1 | 551,1 | 738,9 | 129,41 |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 327,4 | 336,9 | 319,0 | 302,9 | 327,0 | 331,0 | 357,5 | 109,19 |
| Пластмасса ва маснуот аз он | 82,1 | 91,3 | 93,9 | 105,8 | 127,5 | 116,8 | 131,9 | 160,65 |
| Пӯст, чарм, маҳсулоти мӯйина ва маснуоти аз он тайёр кардашуда | 0,7 | 1,0 | 1,7 | 1,6 | 2,4 | 1,2 | 1,9 | 2,71 маротиба |
| Чӯбу тахта ва маснуоти аз чӯбу тахта сохташуда | 205,2 | 131,0 | 131,8 | 123,9 | 127,5 | 120,8 | 149,7 | 72,95 |
| Коғазпораҳо, партоваҳои картон,коғаз ва макулатура | 40,9 | 54,5 | 51,6 | 48,9 | 44,0 | 40,3 | 48,6 | 118,83 |
| Нассоҷӣ ва маҳсулотҳои нассоҷӣ | 57,0 | 10,7 | 66,4 | 60,1 | 80,6 | 82,7 | 89,2 | 156,49 |
| Пойафзол, каллапӯш ва ғайра | 11,6 | 17,0 | 13,0 | 8,5 | 12,0 | 9,5 | 13,0 | 112,07 |
| Маҳсулот аз санг, гаҷ ва семент | 83,9 | 102,6 | 91,8 | 84,7 | 70,8 | 60,9 | 94,9 | 113,11 |
| Марворид, | 101,0 | 7,0 | 4,7 | 5,3 | 4,3 | 1,9 | 5,3 | 5,25 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| металлҳои қиматбаҳо ва ғайра | | | | | | | | |
| Металлҳои арзон баҳо | 333,5 | 347,3 | 283,8 | 407,8 | 323,5 | 338,7 | 404,3 | 121,23 |
| Мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо ва ғ. | 523,3 | 468,5 | 299,6 | 427,7 | 423,9 | 338,9 | 657,1 | 125,57 |

анҷоми ҷадвали 2.6.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ, ҳавоӣ ва обӣ | 223,7 | 188,0 | 216,3 | 307,2 | 325,7 | 226,7 | 381,6 | 170,59 |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соат ва ғайра | 37,5 | 34,7 | 22,0 | 17,7 | 24,0 | 67,6 | 73,4 | 195,73 |
| Молҳои мухталифи саноатӣ | 42,4 | 42,4 | 43,5 | 44,9 | 18,1 | 41,9 | 60,4 | 142,45 |
| Молҳои гуногуни ташхиснашуда | 1,0 | 2,3 | 12,3 | 3,9 | 0,0 | 2,5 | 28,0 | 28,0 маротиба |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф ҳисоб карда шудааст: дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: АОНҲҶТ, 2022.-саҳ .327.

Дар асоси таҳлили ҷадвали 2.6. мо муайян намудем, ки агар воридот дар тӯли солҳои 2015-2021 ҳамагӣ ба 22,53% афзун шуда бошад, мутаносибан воридоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаҳои он- 60,49%, пластмасса ва маснуот аз он 60,65%, пӯст, чарм, маҳсулоти мӯйина ва маснуоти аз он тайёр кардашуда-2,71 маротиба, нассоҷӣ ва маҳсулотҳои нассоҷӣ-56,49%, воситаҳои нақлиёти заминӣ, ҳавоӣ ва обӣ-70,59%, асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соат ва ғайра -95,73%, молҳои гуногуни ташхиснашуда – 28,0 маротиба афзуда, марворид, металлҳои қиматбаҳо ва ғайра-94,75% кам шудааст. Ин натиҷаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки истифодаи низомҳои гумрукии воридотӣ ва рушди назорати гумрукӣ дар кишвар назаррас аст.

Дар раванди баррасии расонидани хизматрасониҳои гумрукӣ баҳодиҳии фаъолияти анборҳои муваққатӣ бамаврид аст (ҷадвали 1, замимаи 2). Аз ҷадвали 1, замимаи 2 бармеояд, ки дар маҷмуъ, ҳиссаи шумораи умумии шартномаҳои басташуда нисбати нигаҳдории муваққатӣ нисбат ба соли 2015 дар соли 2022 ба - 19,68% зиёд шудааст. Ин имконият дод, ки ҳаҷми савдои байналмилалӣ дар кишвар зиёд гардад.

Дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукӣ омӯзиши динамикаи ҳамлу нақли бор ва гардиши бор аз рӯйи намудҳои нақлиёти мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зарур аст. Баррасии боркашониҳо нишон дод, ки дар маҷмуъ динамикаи мусбати гардиши бор, ба ғайр аз нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ дида мешавад. Инчунин динамикаи мусбати мусофиркашони дар самти байналмилалӣ дар нақлиёти роҳи оҳан дида мешавад ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мақомоти гумрук низ барои пешниҳод 17,08% хизматрасониҳои гумрукиро зиёд намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бо зиёд гардидани ҳаҷми савдои хориҷӣ, барои шахсон ва воситаҳои нақлиёти сарҳадро убуркунанда, зарурати аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ ва такмили минбаъдаи механизми танзими тиҷорати байналмилалӣ ба миён омадааст.

Бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби мақомоти гумрук тибқи қонунгузории кишвар дар солҳои сипаригашта як қатор имтиёзу сабукиҳо пешниҳод гардидааст, ки дар натиҷа, нақши ин имтиёзҳо дар рушди истеҳсолоти дохилӣ назаррас мебошанд.

Дар асоси маълумотҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  муайян намудем, ки дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 воридоти молҳое, ки ба онҳо имтиёз дода шудааст - 15,81% ва маблағи умумии аз пардохти гумрукӣ озод кардани ин номгӯйи молҳо - ба 33,93% афзудааст. Инчунин, воридоти молҳо барои объектҳои махсусан муҳими

давлатӣ- ба 7,46% афзуда, маблағи умумии аз пардохти гумрукӣ озод кардани ин номгӯйи молҳо ба 60,38% зиёд шудааст[54].

Дар раванди баррасии фаъолияти гумрукӣ барасмиятдарорӣ танҳо баъди анҷом додани назорати давлатии санитарию карантинӣ, карантинию фитосанитарӣ, байторӣ ва намудҳои дигари назорати давлатии воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти онҳо аз ин ҳудуд сурат мегирад. Дар ин раванд баҳодиҳии фаъолияти ширкатҳои брокерӣ зурур аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ширкатҳои брокерии гумрукӣ фаъолият менамоянд, ки рӯйхати онҳо дар ҷадвали 2.7. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.7.-Номгӯйи ширкатҳои брокерии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № б/т | Номгӯйи ширкатҳои брокерӣ | Рақами кафолати бонкӣ, маблағ ва муҳлат | Рақами полиси суғурта, маблағ ва муҳлат |
|---|---|---|---|
| 1 | ЧДММ «Сайёр-Суғд» ш.Хучанд к. Сир-дарё 33/6 | 11.07.2019 | 07.06.2019 |
| 2 | ҶДММ «Истам-2015» | 30.12.18 | 28.02.19 |
| 3 | ҶДММ «Куруш», ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода, 2/5, | 05.12.18 | 05.12.18 |
| 4 | ҶСП «Тоҷиквнештранс, ш. Душанбе, | 30.11.18 | 11.08.18 |
| 5 | Гурӯҳи далолони «Корвон», ш. Қурғонтеппа, к.Кайҳоннавардон, х. 48, ҳ.30, тел.: 3-45-73 907-76-23-65 | Замонат то 20-06-2022 | 20.08.2019 |
| 6 | ҶДММ «Брокери хизматгузори гумрукӣ» ш. Душанбе, к. Шотемуров, х. 34, ҳ.6, | 20.09.2019 | 13.07.19 |
| 7 | ҶДММ «Ориён Ҳаким» ш.Душанбе к. Ҷ.Расулов 71/2 у.5 | 28.09.2019 | 22.05.19 |
| 8 | ҶДММ «Осиё хизматрасон», к. Южно-Обходная, 3 | 19.10.19 | 04.06.19 |
| 9 | ҶДММ «АБМ Транс Сервис» ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 36/14, | 02.11.18 | 09.11.18 |
| 10 | ҶДММ «Дунё» ш.Душанбе, к. Дӯстии Халқҳо, 62 | 21.09.2019 | 17.01.19 |
| 11 | ҶДММ «Терминали Дӯстӣ» ш.Душанбе, к. Чортеппа 54 | 27.07.19 | 12.06.2019 |
| 12 | ҶДММ «Хизмат М» ш.Душанбе, к. Рӯдакӣ 178/2 х.15, | 23.09.2019с | 31.08.2019с |
| 13 | ҶДММ «БИМА БРОКЕР» ш. Душанбе, | 28.01.19 | 14.12.2018 |

[54] Маълумотҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ХГҶТ, 2022. –257с.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | к. И.Сомонӣ 67/4 | | |
| 14 | ЧДММ «Ориён Фарм» ш.Душанбе к.Назаршоев х49х.3 | 07.12.2018 | 22.01.2019 |
| 15 | ЧДММ «Анкуф» ш. Қургонтеппа, к. Ваҳдат 32 | Замонат то 26.04.2022 | 23.05.2019 |
| 16 | ҶДММ « Трайд» Бадахшон | 28.08.18 | 10.08.2018 |
| 17 | ЧДММ «Союз» ш. Душанбе к.Абдуллобеков 1Б 71/1 | Аз 22.03.17 то 22.03.21 | 001/БГ то 06.03.19 |
| 18 | ЧДММ «Кубро» ш.Душанбе к.Лоҳутӣ, х19 ҳуҷ.7 | 02.04.2019 | 31.03.19 |
| 19 | ҶДММ «Ширкати ҳавоии Сомон Эйр» кӯчаи М. Мастонгулов 40 | Аз 01.05.2018 то 01.05.2019 | Аз 24.04.2018 то 24.04.2019 |
| 20 | ҶДММ «Имкон Осиё» ш. Душанбе, кучаи Нарзикулов 517 | То: 19.11.2018 | 08.06.18 то 07.06.19сол |
| 21 | ҶСП «Терминал» ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳорова 592 | Замонат аз 12.06.2018 то 10.06.2023 сол | Аз 26.04.2018 то 25.04.2019сол |

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб кардааст.- Душанбе- ХГҶТ, 2022.-257с.

Дар асоси ҷадвали 2.7. маълум гардид, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 ширкати брокерии гумрукӣ баҳри сода гардонидани расмиёти содиротию воридотӣ ва дар ин замина, таъмини шаффофияти амалиёти барасмиятдарории гумрукӣ, инчунин андешидани чораҳои зарурӣ дар масъалаи барасмиятдарории саривақтии гумрукӣ ва аз байн бурдани монеаҳое, ки ҳангоми интиқоли молҳо хизматрасониҳои гумрукиро анҷом медиҳанд, фаъолият менамоянд. Дар раванди таҳлили фаъолияти гумрукӣ ҷойи асосиро омӯзиши ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низомҳои гумрукӣ ишғол менамояд. Дар ҷадвалҳои 2.8-2.9 ва расмҳои 2.3. – 2.20. динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 оварда шуда дар замима 2 динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низомҳои гумрукӣ мудириятҳои минтақавии гумрукӣ пешниҳод гардидааст.

Аз ҷадвали 2.8. - 2.9. дида мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 85,12%, боркашонӣ (ҳазор тонна)-3,27 ва миқдори ДГБ -2,01 маротиба афзудааст. Ҳангоми истифодаи низомҳои гумрукии содирот, коркард берун аз қаламрави гумрукӣ, содироти муваққатӣ, интиқол барои муомилоти озод, реимпорт, минтақаи

озоди гумрукӣ, анбори озод, савдои бебоҷ ҳаҷми гардиши молҳо мутобиқан зиёд шудааст. Мутаассифона низоми коркард барои муомилоти озод дар кишвар истифода карда намешавад.

Ҷадвали 2.8.-Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои одии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

| № б/т | **Номгӯи низомҳои гумрукӣ** | **Воҳиди ҳисобӣ** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **Соли 2022 нисбат ба соли 2015, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Содирот | млн.$ | 1226,11 | 1136,89 | 983,04 | 1117,67 | 1235,08 | 1496 | 1984,4 | 2215,9 | 180,72 |
| | | ҳазор тонн | 825,41 | 1061,98 | 1688,08 | 2230,13 | 2290,3 | 1930,6 | 2074,1 | 2699,5 | 3,27 маротиба |
| | | ДГБ | 7884 | 8454 | 9156 | 11403 | 12868 | 11146 | 16334 | 18733 | 2, 38 маротиба |
| 2. | Содироти муваққатӣ | млн.$ | 91,73 | 173,30 | 222,84 | 219,15 | 1,88 | 367,69 | 60,5 | 0,76 | 0,8 |
| | | ҳазор тонн | 0,35 | 0,157 | 0,28 | 0,40 | 0,47 | 0,53 | 1,03 | 0,49 | 140 |
| | | ДГБ | 55 | 98 | 94 | 113 | 114 | 88 | 135 | 99 | 180 |
| 3. | Реэкспорт | млн.$ | 42,9 | 51,75 | 64,12 | 39,02 | 39,85 | 24,9 | 33,2 | 30,1 | 70,16 |
| | | ҳазор тонн | 5,21 | 5,63 | 4,34 | 4,77 | 5,3 | 6,76 | 8,9 | 6,1 | 117,08 |
| | | ДГБ | 624 | 563 | 461 | 810 | 1129 | 530 | 552 | 531 | 85,01 |
| 4. | Иҷозат барои муомилоти озод | млн.$ | 3507,58 | 3218,5 | 3248,7 | 3826,5 | 3961,02 | 3700,3 | 5345,9 | 7931,8 | 226,13 |
| | | ҳазор тонн | 4401,50 | 4110,17 | 4065,39 | 4473,86 | 4887,87 | 5046,4 | 5399,3 | 5867,0 | 133,29 |
| | | ДГБ | 50615 | 41506 | 47085 | 56647 | 69806 | 70891 | 82872 | 107046 | 2, 12 маротиба |
| 5. | Реимпорт | млн.$ | 315,08 | 78,20 | 44,78 | 102,34 | 5,03 | 14,7 | 4,4 | 64,7 | 20,53 |
| | | ҳазор тонн | 0,83 | 1,22 | 0,38 | 0,91 | 2,17 | 1,07 | 1,02 | 1,9 | 228,91 |
| | | ДГБ | 357 | 310 | 162 | 182 | 214 | 130 | 191 | 209 | 58,54 |
| 6. | Транзити байналмилалии гумрукӣ | млн.$ | 123,8 | 58,2 | 62,3 | 67,4 | 25,76 | 143,77 | 46,9 | 37,02 | 29,90 |
| | | ҳазор тонн | 45,55 | 42,10 | 58,25 | 54,15 | 21,34 | 18,32 | 19,7 | 32,9 | 72,22 |
| | | ДГБ | 2029 | 1574 | 1917 | 1806 | 572 | 467 | 528 | 520 | 25,62 |

анҷоми ҷадвали 2.8.

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Нобудкунӣ | млн.$ | 0,13 | 0,13 | 0,05 | 0,06 | 0,44 | 0,05 | 0,1 | 0,2 | 153,85 |
| | | ҳазор тонн | 0,17 | 0,08 | 0,03 | 0,1 | 0,12 | 0,06 | 0,05 | 0,06 | 35,29 |
| | | ДГБ | 7 | 13 | 6 | 8 | 15 | 7 | 12 | 7 | 100,00 |
| 8. | Интиқоли захираҳо | млн.$ | 180,29 | 111,92 | 71,31 | 67,36 | 110,04 | 43,2 | 68,5 | 169,2 | 93,85 |
| | | ҳазор тонн | 118,32 | 90,85 | 59,24 | 63,05 | 77,56 | 31,7 | 42,3 | 98,8 | 83,50 |
| | | ДГБ | 1440 | 1114 | 1134 | 1120 | 1056 | 384 | 734 | 883 | 61,32 |
| 9. | Савдои бе боҷ | млн.$ | 0,38 | 0,38 | 0,02 | 0,13 | 0,28 | 0,31 | 0,1 | 0,4 | 105,26 |
| | | ҳазор тонн | 0,07 | 0,03 | 0,02 | 0,17 | 0,03 | 0,03 | 0,01 | 0,04 | 57,14 |
| | | ДГБ | 5 | 4 | 2 | 1 | 30 | 13 | 14 | 17 | 340 |
| 10. | Даст кашидан ба фоидаи давлат | млн.$ | 0,04 | 2,71 | 0,08 | 1,51 | 3,392 | 0,22 | 0,1 | 0,2 | 5,0 маротиба |
| | | ҳазор тонн | 0,01 | 0,77 | 0,09 | 0,83 | 1,765 | 0,05 | 0,004 | 0,1 | 10,0 маротиба |
| | | ДГБ | 1 | 9 | 5 | 36 | 28 | 6 | 2 | 7 | 7,0 маротиба |
| 11. | Низомҳои махсуси гумрукӣ | млн.$ | 0,17 | 2,68 | 2,57 | 0,62 | 0,03 | 0 | 0,1 | 0 | 58,82*** |
| | | ҳазор тонн | 0,01 | 0,66 | 1,2 | 0,14 | 0,29 | 0 | 1,7 | 0 | 17,0 *** маротиба |
| | | ДГБ | 1 | 5 | 15 | 6 | 1 | 0 | 13 | 0 | 13 *** маротиба |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Эзоҳ: ** с.2018 нисбат ба 2015; ***с 2021 нисбат ба 2015

Ҷадвали 2.9.-Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои иқтисодии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

| № б/т | Номгӯи низомҳои гумрукӣ | Воҳиди ҳисобӣ | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Соли 2022 нисбат ба соли 2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Коркард берун аз қаламрави гумрукӣ | млн.$ | 246,46 | 63,64 | 151,67 | 207,25 | 174,2 | 519,8 | 183,7 | 378,0 | 1,53 маротиба |
| | | ҳазор тонн | 0,60 | 0,42 | 0,31 | 0,96 | 1,3 | 0,14 | 0,34 | 0,87 | 145,0 |
| | | ДГБ | 262 | 243 | 169 | 142 | 143 | 79 | 104 | 110 | 41,98 |
| 3. | Коркард дар қаламравӣ гумрукӣ | млн.$ | 177,76 | 172,31 | 140,91 | 111,50 | 117,6 | 118,3 | 81,5 | 94,0 | 52,88 |
| | | ҳазор тонн | 357,27 | 358,24 | 286,15 | 232,55 | 250,05 | 246,2 | 170,7 | 175,3 | 49,07 |
| | | ДГБ | 211 | 173 | 140 | 197 | 295 | 265 | 214 | 252 | 119,43 |
| 4. | Воридоти муваққатӣ | млн.$ | 30,74 | 22,8 | 35,51 | 38,52 | 44,37 | 21,3 | 31,9 | 103,5 | 336,69 |
| | | ҳазор тонн | 3,01 | 3,01 | 3,30 | 3,41 | 5,42 | 4,2 | 5,3 | 4,8 | 159,46 |
| | | ДГБ | 294 | 586 | 426 | 863 | 1225 | 528 | 342 | 312 | 106,12 |
| 5. | Анбори гумрукӣ | млн.$ | 2,03 | 32,65 | 2,02 | 3,48 | 4,8 | 13,9 | 15,9 | 4,4 | 2,17 маротиба |
| | | ҳазор тонн | 10,15 | 2,1 | 0,30 | 0,30 | 0,81 | 14,8 | 3.1 | 0,9 | 8,87 |
| | | ДГБ | 14 | 25 | 25 | 20 | 49 | 77 | 56 | 47 | 3,36 маротиба |
| 6. | Минтақаи озоди гумрукӣ | млн.$ | 14,5 | 76,3 | 15,6 | 23,7 | 26 | 18,1 | 35,7 | 55,9 | 3,86 маротиба |
| | | ҳазор тонн | 8,67 | 30,1 | 9,6 | 12,8 | 19,88 | 12,8 | 21 | 28,1 | 3,24 маротиба |
| | | ДГБ | 184 | 305 | 286 | 406 | 435 | 425 | 535 | 636 | 3,46 маротиба |

анҷоми ҷадвали 2.9.

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 17. | Анбори озод | млн.$ | 0,15 | 0,16 | 0,20 | 0,06 | 0 | 0 | 0 | 0 | 40,00** |
| | | ҳазор тонн | 0,03 | 0,08 | 0,03 | 0,01 | 0 | 0 | 0 | 0 | 33,33** |
| | | ДГБ | 3 | 2 | 3 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 33,33** |
| 18. | Ҳамагӣ | млн.$ | 5993,46 | 4972,96 | 4982,01 | 5636,94 | 5748,7 | 6482,9 | 7893,3 | 11095,1 | 185,12 |
| | | ҳазор тонн | 5770,94 | 5665,68 | 6118,81 | 7077,72 | 7564,3 | 7313,8 | 7748,8 | 8916,9 | 154,51 |
| | | ДГБ | 64535 | 54984 | 61092 | 73763 | 87980 | 85036 | 102638 | 129409 | 2,01 маротиба |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Эзоҳ: ** с.2018 нисбат ба 2015;  ***с 2021 нисбат ба 2015

Дар навбати худ ҳаҷми гардиши мол дар раванди истифодаи низомҳои гумрукии  реэкспорт, коркард дар қаламрави гумрукӣ, содироти муваққатӣ, анбори гумрукӣ, анбори озод, транзити гумуркии байналмилалӣ, нобудкунӣ, захираҳо ва низомҳои махсуси гумрукӣ кам шудааст.




Расми 2.3. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукии содирот  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.3. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ содирот дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 80,72%, боркашонӣ (ҳазор тонна)-54,51% ва миқдори ДГБ -2,38 маротиба афзудааст.




Расми 2.4. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукии коркард берун аз  қаламрави гумрукӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.4. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию

содиротӣ аз рӯи низоми гумрукӣ коркард берун аз қаламрави гумрукӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 10,0% ва миқдори ДГБ -53,23 маротиба афзудааст.




Расми 2.5. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукии содироти муваққатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.- Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.5. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ содироти муваққатӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 99,02% камшуда миқдори ДГБ -80,0% афзудааст.




Расми 2.6. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ реэкспорт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 .

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.- Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.6. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ реэкспорт дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 39,0% ва миқдори ДГБ -15,0% кам шудааст.




Расми 2.7. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ иҷозат барои муомилоти озод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.- Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.7. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ иҷозат барои муомилоти озод дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 2,26 маротиба ва миқдори ДГБ -2,11 маротиба афзудааст.




Расми 2.8. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ коркард дар қаламравӣ гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.- Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.8. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низоми гумрукӣ коркард дар қаламрави гумрукӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 47,0% кам шуда миқдори ДГБ -19,0% афзудааст.




Расми 2.9. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ воридоти муваққатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.9. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ воридати муваққатӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 3,36 маротиба ва миқдори ДГБ -6,0% афзудааст.




Расми 2.10. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ реимпорт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.10. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ реимпорт дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 80,00% ва миқдори ДГБ -48,0% кам шудааст.




Расми 2.11. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ анбори гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.11. бар меояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ анбори гумрукӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 2,16 маротиба% ва миқдори ДГБ -3,36 маротиба афзудааст.




Расми 2.12. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ минтақаи озоди гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022.

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.12. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ минтақаи озоди гумрукӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 3,85 ва миқдори ДГБ -3,45 маротиба афзудааст.




Расми 2.13. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ анбори озод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.13. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ анбори озод дар тӯли солҳои 2019-2022 истифода нашуда, дар солҳои 2018-2015 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 60,0% ва миқдори ДГБ -67,05 коҳиш ёфтааст.




Расми 2.14. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ транзити байналмилалии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.14. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ транзити байналмилалии гумрукӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 70,0% ва миқдори ДГБ -74,0% коҳиш ёфтааст.




Расми 2.15. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ нобудкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.15. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ нобудкунӣ дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 54,0% афзуда миқдори ДГБ тағйир наёфтааст.




Расми 2.16. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ интиқоли захираҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.16. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ интиқоли захираҳо дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 6,0% ва миқдори ДГБ - 39,0% кам шудааст.




Расми 2.17. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ савдои бе боҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.17. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ содирот дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 5,0% ва миқдори ДГБ -3,4 маротиба афзудааст.




Расми 2.18. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ даст кашидан ба фоидаи давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.18. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ даст кашидан ба фоидаи давлатт дар тӯли солҳои 2015-2022 ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) 5,0 ва миқдори ДГБ -7,0 маротиба афзудааст.




Расми 2.19. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ низомҳои махсуси гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз таҳлили расми 2.19. бармеояд, ки ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низоми гумрукӣ низомҳои гумрукии махсус дар тӯли солҳои 2015-2021 миқдори ДГБ -13 маротиба ва ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 41,0% афзудааст.




Расми 2.20. Динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯйи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ХГҶТ.-Душанбе, ХГҶТ, 2022.-257с.

Аз расми 2.20. дида мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми гардиши молҳо (млн.доллар) ба 85,12%, боркашонӣ (ҳазор тонна)- 3,27 ва миқдори ДГБ -2,01 маротиба афзудааст.

Истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мудирияти минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, , вилояти Суғд ва

вилояти Хатлон дар замимаи 3 оварда шудааст. Аз ҷадвалҳои дар замимаи 2 овардашуда дида мешавад, ки натиҷаҳои назаррас нисбати истифодаи низомҳои гумрукӣ мудирияти минтақавии гумруки шаҳри Турсунзода, шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба даст оварда шудааст.

Инчунин, ҳаминро бояд қайд намуд, ки баъзе аз низомҳои гумрукӣ дар мудирияти минтақавии гумруки шаҳри Турсунзода, шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва вилояти мухтори Кухистони Бадахшон мавриди истифода қарор дода нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, мақомоти гумрукро зарур аст, ки ба истифодаи низомҳои гумрукӣ диққати махсус дода истифодаи онҳоро ба роҳ монад.

Дар асоси таҳлил муайян карда шуд, ки дар мудириятҳои минтақавии гумрукӣ дар маҷмуъ беҳтар шудани истифодаи низомҳои гумрукӣ дида мешавад ва ҳамаи мудириятҳои минтақавӣ ба декларатсиякунии гумрукии бори электронӣ гузаштаанд.

Дар заминаи натиҷаҳои ба дастовардашуда мо дар он ақидаем, ки зарурияти:

- ҷоннок намудани ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ, ки дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ фаъолият менамоянд;
- ба роҳ мондани ҳамкории якҷояи Хадамоти гумрук ва дигар сохторҳои марбута, ҷиҳати содагардонии технологияи барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ ва такмили минбаъдаи воситаҳои танзими тиҷорати хориҷии ба миён омада;
- дуруст интихоб ва ҷойгир намудани молҳо таҳти низомҳои гумрукӣ;
- таҳлили саривақтии истифодаи низомҳои гумрукӣ ва натиҷаҳои ба дастоварда ва ғайра.

Бо дарназардошти ин, ба амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарем.

### 2.3. Амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук

Дар шароити муосир истифодаи амсилаҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ хело зарур буда, онҳо инъикоси объекти воқеӣ доранд. Чунин инъикоси зуҳуротҳоро бо диаграмма, аксҳо, амсилаҳои хусусияти тавсифӣ дар шакли расмҳо, ҷадвалҳо ва ғайра муаррифӣ кардан мумкин аст. Амсилаи риёзӣ системаи муодилаҳо, нобаробарӣ, формулаҳо, истифодаи ифодаҳои гуногунро, ки объекти воқеӣ хусусиятҳои таркибии он ва робитаи байни онҳоро тавсиф мекунанд. Амсиласозӣ ва сохтани амсилаи риёзии объекти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки таҳлили иқтисодии равандҳои истеҳсолиро то таҳлили риёзӣ ва қабули қарорҳои муассир коҳиш диҳем.

Технологияи сохтани амсилаҳои иқтисодӣ ва риёзиро бояд сари вақт баррасӣ намуд. Мазмуни ҳар як амсилаи иқтисодӣ ва риёзӣ моҳияти иқтисодии шартҳои масъала ва ҳадафи гузошташуда мебошад, ки дар муносибатҳои расмии риёзӣ ифода ёфтааст. Дар амсила арзиши иқтисодӣ бо таносуби риёзӣ муаррифӣ карда мешавад. Тавсифи шароити иқтисодӣ аз рӯйи амсилаҳои риёзӣ вобастагиро байни параметрҳои иқтисодӣ ё миқдори онҳо муқаррар кардан мумкин аст.

Таърифи мукаммал ва ҳаматарафаи амсилаи иқтисодӣ-риёзиро академик В.С.Немчинов додааст: "Амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ ифодаи мутамаркази муносибатҳо ва қонунҳои як падидаи иқтисодӣ дар шакли риёзиро дар бар мегирад"[55]. Аз ҷиҳати мундариҷа, амсилаҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва иқтисодӣ-оморӣ мавҷуданд. Фарқи байни онҳо дар табиати

[55] Марченко, В. М. Эконометрика и экономико-математические методы, и модели. В 2 ч. Ч. 2. Экономико-математические методы и модели / В. М. Марченко, Н. П. Можей, Е. А. Шинкевич. – Минск: БГТУ, 2012. – 214 с.

вобастагии функсионалӣ, ки арзишҳои онҳоро мепайвандад, вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, амсилаҳои иқтисодӣ ва оморӣ бо нишондиҳандаҳое, ки бо роҳҳои гуногун гурӯҳбандӣ шудаанд, алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди амсиласозӣ амсилаҳои оморӣ истифода карда мешаванд, ки робитаи байни нишондиҳандаҳо ва детерминантҳои онҳоро дар шакли функсияи хаттӣ ва ғайрихаттӣ муқаррар мекунанд. Амсилаҳои иқтисодӣ ва риёзӣ системаи маҳдудиятҳо, вазифаи объективиро дар бар мегиранд. Функсияи ҳадаф миқдорҳои гуногуни амсиларо мепайвандад. Чун қоида, ҳамчун ҳадаф нишондиҳандаи иқтисодӣ (фоида, даромаднокӣ, арзиши хароҷот, маҳсулоти умумӣ ва ғайра) интихоб карда мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи ҳадафро баъзан иқтисодӣ - меъёрӣ меноманд. Функсияи ҳадаф функсияи бисёр тағйирёбанда аст ва метавонад аъзои озод дошта бошад.

Меъёрҳои оптималӣ метавонанд табиӣ ва арзишӣ бошанд. Баъзе меъёрҳо ба ҳадди аксар расонида шуда, баъзеи дигар кам карда мешаванд. Аз меъёрҳои ба ҳадди ақал расонидашуда меъёри арзиши умумии меҳнати ҳама намудҳо мебошад, ки аз ҷониби иқтисоддонҳо пешниҳод шудаанд[56].

Таҳлил нишон медиҳад, ки амсила ҳалли бисёр ё нақшаҳои имконпазир дорад ва дар байни онҳо ягонаеро ёфтан лозим аст, ки ба системаи маҳдудиятҳо ва расидан ба ҳадафҳо ҷавобгӯ бошад ва нақшаи имконпазире, ки функсияи ҳадафро қонеъ мекунад, оптималӣ номида мешавад.

Дар байни тарҳҳои имконпазир, ки функсияи ҳадафро қонеъ мекунанд, одатан як тарҳи ягона вуҷуд дорад, ки барои он вазифаҳо ва меъёри оптималӣ арзиши максималӣ ё ҳадди ақал доранд. Агар амсила

---

[56] Панкратов Е.Л., Булаева Е.А., Болдыревский П.Б. Ведение в экономико-математическое моделирование. - Нижний Новгород: Нижегородский госуниверситет, 2017. - 113 с.

барои расидан ба нақшаҳои оптималӣ равон карда шуда бошад, пас барои ҳар яки онҳо арзиши функсияи ҳадаф яксон мебошад.

Агар амсилаи иқтисодӣ ва риёзӣ хаттӣ бошад, нақшаи оптималӣ дар нуқтаи охирини ҳудуди тағйирёбии системаи маҳдудиятҳо ба даст меояд. Дар ҳолати амсилаи ғайримуқаррарӣ метавонад якчанд тарҳҳои оптималӣ ва арзишҳои оптималии функсияи ҳадаф вуҷуд дошта бошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки нақшаҳои шадидӣ ва арзишҳои фавқулоддаи функсияи объективӣ муайян карда шаванд. Дар ин ҳолат, функсияи объективӣ, ки аз миқдори он аз як қатор тағйиротҳои охирин, ё ки ба ҳадди ақал расида, ё умуман вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли оптималии ҳар як мушкилоти иқтисодӣ амсилаи иқтисодӣ ва риёзии онро сохтан лозим аст, ки дар таркибаш системаи маҳдудиятҳо, вазифаи объективӣ, меъёри оптималӣ ва ҳалли онро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо, усули сохтани амсилаи иқтисодӣ ва риёзӣ ин ифода кардани моҳияти иқтисодии масъала бо истифода аз аломатҳо, тағйирёбандаҳо ва доимҳо, шохисҳо ва дигар нишонаҳо мебошад. Ҳама шартҳои масъала бояд дар шакли муодила ё нобаробарӣ навишта шаванд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, системаи тағйирёбандаҳоро муайян кардан лозим аст, ки метавонанд барои як вазифаи мушаххас ҳаҷми дилхоҳи истеҳсолотро, боре, ки таҳвилгарон ба истеъмолкунандагони мушаххас интиқол медиҳанд ва ғайра нишон диҳанд.

Бо назардошти ин, мо ҳангоми гузаронидани таҳқиқот таснифи амсилаҳоро муҳим мешуморем. Амсилаҳои иқтисодӣ ва риёзӣ аз намудҳои зерин: оморӣ; тавозунӣ ва оптимизатсиякунонӣ иборат мебошанд.

Амсилаҳои оморӣ - вобастагии таносуби-регрессивии натиҷаи истеҳсолотро ба як ё якчанд омилҳои мустақил тавсиф мекунанд. Ин амсилаҳо барои сохтани ҳалли вазифаҳои истеҳсолӣ, инчунин дар ҳангоми таҳлили системаҳои иқтисодӣ васеъ истифода мешаванд.

Амсилаҳои тавозунӣ -системаи тавозуни истеҳсол ва тақсимотро ифода мекунанд ва дар шакли матрисаҳои квадратӣ навишта мешаванд. Онҳо барои муқаррар кардани таносуб ва муносибатҳо дар раванди банақшагирии соҳаҳо истифода карда мешаванд.

Амсилаҳои оптимизатсионӣ -системаи муодилаҳои риёзиро ифода мекунанд, ки ба функсияи мушаххаси объективӣ тобеъ буда барои дарёфти беҳтарин ҳалли мушкилоти мушаххаси иқтисодӣ хидмат мекунанд. Ин амсилаҳо шароити фаъолияти системаи иқтисодиро тавсиф мекунанд. Асосан, таснифи амсилаҳои иқтисодӣ ва риёзӣ метавонад гуногун ва шартӣ бошад. Инчунин амсилаҳо ба амсилаҳои банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлили иқтисодӣ, равандҳои иттилоотӣ тақсим карда мешаванд.

Аз рӯйи андозаҳо амсилаҳо ба макроамсилаҳо, амсилаҳои маҳаллӣ ва микроамсилаҳо тақсим карда мешаванд. Ин амсилаҳо барои таҳлили амиқи сохтори истеҳсолот ва хизматҳои пешниҳодшуда таҳия карда мешаванд. Инчунин амсилаҳои оптимизатсиониро истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо метавонанд детермининантӣ ва стохастикӣ бошанд.

Бо назардошти ин, мо баррасии параметрҳои мутобиқатро дар амсиласозии оморӣ дар асоси ҳисоби коэффисиенти муайянкунӣ ва таносуб муҳим мешуморем. Дар ин ҳолат, коэффисиенти таносуб ҳамчун ченаки қатъии вобастагии таносубӣ хизмат мекунад.

Дар амалия ин хусусиятҳо чунин шарҳ дода мешаванд:

$0,1 \leq [Rr] \leq 0,3$ –вобастагӣ заиф аст;

$0,3 \leq [Rr] \leq 0,7$ – вобастагӣ ҷиддӣ аст;

$0,7 \leq [Rr] \leq 0,9$ – вобастагӣ мустаҳкам;

$[Rr] \geq 0,9$ – вобастагӣ хело мустаҳкам ва ба воҳид наздик аст.

Бо истифода аз ин далелҳо, ҷадвалҳои ҳадди ақал барои коэффисиентҳои таносуб ва муайянкунӣ низ истифода мешаванд. Онҳо аз шумораи мушоҳидаҳо ва сатҳи эътимод вобастаанд.

Марҳилаи дигар дар раванди амсиласозии иқтисодӣ ва риёзӣ ин гузаронидани пешгӯйиҳои дақиқ ба ҳисоб меравад. Барои пешгӯйии дақиқ, мо экстраполятсияи силсилаи вақтро, ки бо муодилаи тамоюл ё муодилаи регрессия ҳисоб карда шудааст, баррасӣ мекунем. Эҳтимолияти тағйирёбандаи тасодуфӣ арзишҳои мушаххасро ба сифр баробар мекунад. Ҳамин тариқ, пешгӯийҳои дақиқ дар иқтисод ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ҳангоми пешгӯйӣ -пешгӯйиҳои фосилавӣ истифода шуда, хатоии бо назардошти арзиши омори Стюденти, ки аз рӯи сатҳи аҳамият ва шумораи дараҷаҳои озодӣ, инчунин андозаи намуна ва инҳирофи стандартӣ ҳисоб карда мешавад[57].

Аз гуфтаҳои болӣ бар меояд, ки ҷабҳаҳои пешниҳод карда шуда ҳангоми дар раванди амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук бо назардошти хусусиятҳои ҷойдошта истифода бурда шаванд.

Дар ҷадвали 2.10 намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои ҷудогонаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодаи маълумотҳои овардашуда дар зербоби 2.2 барои солҳои 2015-2022 бо истифодаи барномаи компютерӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 2.10.-Намуди амсилаҳои вобастагии мстифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

| **№ б/т** | **Низоми гумрукӣ** | **Намуди амсила** | **Бузургии коэффисиенти коррелятсия** |
|---|---|---|---|
| 1. | Содирот | $y = 47{,}705x^2 - 276{,}79x + 1453{,}1$ | $R^2 = 0{,}9978$ |
| 2. | Коркард берун аз қаламрави гумрукӣ | $y = 9{,}8589x^2 – 69{,}29x + 261{,}02$ | $R^2 = 0{,}5776$ |
| 3. | Содироти муваққатӣ | $y = 99{,}319x^{0{,}6217}$ | $R^2 = 0{,}8343$ |
| 4. | Реэкспорт | $y = 0{,}2229x^2 - 1{,}3546x + 6{,}696$ | $R^2 = 0{,}7529$ |
| 5. | Иҷозат барои | $y = 171{,}76x^2 – 1039{,}8x + 461{,}02$ | $R^2 = 0{,}89{,}59$ |

[57] Новикова Н.В. Экономико-математические методы и модели/Н.В.Новикова. -Минск, 2010.- с.40 45.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | муомилоти озод | | |
| 6. | Коркард дар қаламрави гумрукӣ | $y = 10{,}071x^2 - 50{,}7x + 238{,}2$ | $R^2 = 0{,}6408$ |

анҷоми ҷадвали 2.10.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7. | Воридоти муваққатӣ | $y = 2{,}4375x^2 – 15{,}77x + 49{,}89$ | $R^2 = 0{,}5339$ |
| 8. | Реимпорт | $y = 0{,}0163x^2 - 0{,}0635x + 0{,}929$ | $R^2 = 0{,}3305$ |
| 9. | Анбори гумрукӣ | $y = 1{,}2975e^{0{,}3139x}$ | $R^2 = 0{,}6801$ |
| 10. | Минтақаи озоди гумрукӣ | $y = 1{,}166x^2 -5{,}8149x + 22{,}245$ | $R^2 = 0{,}8339$ |
| 11. | Транзити байналмилалии гумрукӣ | $y = 13{,}223x^2 - 91{,}88x + 200{,}34$ | $R^2 = 0{,}6448$ |
| 12. | Нобудкунӣ | $y = 0{,}1429x + 6{,}6667$ | $R^2 = 0{,}1261$ |
| 13. | Савдои бе боҷ | $y = 1{,}1071x^2 - 5{,}95x + 10{,}2$ | $R^2 = 0{,}7831$ |
| 14. | Даст кашидан ба фоидаи давлат | $y = 0{,}1248e^{0{,}3097x}$ | $R^2 = 0{,}1231$ |
| 15. | Интиқоли захираҳо | $y = 4{,}1095x^2 – 31{,}836x + 145{,}57$ | $R^2 = 0{,}7062$ |
| 16. | Низомҳои махсуси гумрукӣ | $y = 0{,}0338x^{1{,}7449}$ | $R^2 = 0{,}4039$ |
| 17. | Низомҳои гумрукӣ, ҳамагӣ аз рӯйи миқдори ДГБ | $y = 1596x^2 – 5097{,}1x + 64668$ | $R^2 = 0{,}9478$ |
| 18. | Низомҳои гумрукӣ, ҳамагӣ, аз рӯйи борҳои кашонидашуда, ҳазор тонна | $y = 434{,}63x + 5066{,}3$ | $R^2 = 0{,}9097$ |
| 19. | Низомҳои гумрукӣ, ҳамагӣ,аз руйи арзиши гумрукии молҳо, млн.доллар | $y = 243{,}02x^2 – 1551{,}3x + 7333{,}4$ | $R^2 = 0{,}9612$ |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф бо истифодаи барномаи компютерӣ.

Аз ҷадвали 2.10 дида мешавад, ки натиҷаҳои ба дастовардашуда аз онтгувоҳи медиҳанд, ки дар маҷмӯ афзоиши рушди низомҳои гумрукӣ дида мешавад, ки он дар асоси беҳдошти хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи ратсионалии низомҳои гумрукӣ таъмин карда шудааст. Аз тарафи дигар истифодаи оқилонаи низомҳои гумруки аз беҳдошти фаъолияти ҳар як корманди гумрук, афзоиши ҳосилнокии кори онҳо ва риояи талаботҳои муайяншуда ҷиҳати пешбурди назорати гумрукӣ,

кумаки амали ба субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва дигар омилҳо ба даст оварда шудааст.

Инчунин дар ҷадвали 2.11 намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мудирияти минтақавии гумруки шаҳри Турсунзода, шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва вилояти мухтори Куҳистони Бадахшон дар асоси истифодаи маълумотҳое, ки дар замимаи 3 рисолаи мазкур, ҷадвали 1 овардашуданд бо истифодаи барномаи компютерӣ ҳисоб карда шуда пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 2.11.-Намуди амсилаҳои вобастагии низомҳои гумрукӣ дар мудирияти минтақавии гумруки шаҳри Турсунзода, шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва вилояти мухтори Куҳистони Бадахшон Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № б/т | Мақомоти гумрукӣ | Намуди амсила | Бузургии коэффисиенти корреляцсия |
|---|---|---|---|
| 1. | Мудирияти минта-қавии вилояти Хатлон, аз рӯйи борҳои кашонидашуда, ҳазор тонна | $y = -59,787x^2 + 511,93x - 155,65$ | $R^2 = 0,8164$ |
| 2. | Мудирияти минта-қавии вилояти Хатлон, аз рӯйи шумораи ДГБ | $y = -209,71x^2 + 1891,9x + 1716$ | $R^2 = 0,7002$ |
| 3. | Мудирияти минтақа-вии шаҳри Душанбе, аз рӯйи арзиши молҳо, млн.доллар | $y = 168,71x^2 - 1052,3x + 3559,2$ | $R^2 = 0,9086$ |
| 4. | Мудирияти минтақа-вии шаҳри Душанбе, аз рӯйи молҳои кашо-нидашуда, ҳазор тонна | $y = 53,016x^2 - 282,73x + 1007,6$ | $R^2 = 0,8601$ |
| 5. | Мудирияти минтақа-вии шаҳри Турсунзо-да, аз рӯйи арзиши молҳо, млн.доллар | $y = 3,7429x^2 + 54,671x + 513$ | $R^2 = 0,7258$ |
| 6. | Мудирияти минтақа-вии шаҳри Турсунзода, аз | $y = 269,52x^2 + 1442,1x + 3137,3$ | $R^2 = 0,8694$ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | рӯйи шумораи ДГБ | | |
| 7. | Мудирияти минтақа-вии шаҳри Турсунзода, аз рӯйи молҳои кашонидашуда, ҳазор тонна | $y = 37{,}545x^2 - 130{,}66x + 778{,}37$ | $R^2 = 0{,}9064$ |

анҷоми ҷадвали 2.11.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Мудирияти минтақа-вии вилояти Суғд, аз рӯйи молҳои кашони-дашуда, ҳазор тонна | $y = -37{,}75x^2 + 346{,}54x + 3430{,}4$ | $R^2 = 0{,}7252$ |
| 9. | Мудирияти минтақа-вии вилояти мухтори Куҳистони Бадахшон, аз рӯйи арзиши молҳо, млн.доллар | $y = -2{,}5054x^2 + 17{,}532x - 2{,}03$ | $R^2 = 0{,}6251$ |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф бо истифодаи барномаи компютерӣ

Аз ҷадвали 2.11 дида мешавад, ки натиҷаҳои ба дастовардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар маҷмӯ афзоиши натиҷаҳо ҷиҳати истифодаи низомҳои гумрукӣ дида мешавад. Бояд қайд намуд, ки пеш аз ҳама беҳтаршавии натиҷаҳо аз ҳисоби беҳдошти хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи ратсионалии низомҳои гумрукӣ ба ддаст оварда шудааст.

Дар маҷмӯ ҳаминро бояд қайд намуд, ки натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ ба мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзур намудани назорати гумрукӣ, истифодаи оқилонаи ҳамаи низомҳои гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои мутақобилаи дутарафа дар соҳаи гумрукӣ бо назардошти амали намудани шартҳои тиҷоратии молрасонӣ дар сатҳи ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ қарор дода шавад.

Бо назардошти ин ба мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарем.

# БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир

Ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ ва механизми ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои гумрукӣ ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосии онро да Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ дар асоси ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ва омезиши он ба фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян кардан зарур аст.

Аз ин лиҳоз беҳдошти фаъолияти гумрукӣ аз амали сохтани самтҳои афзалиятноки дурнамои рушди инноватсионии хизматрасониҳои гумрукӣ вобаста аст (ҷадвали 3.1).

Ҷадвали 3.1.-Самтҳои афзалиятноки дурнамои рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № б/т | Номгӯйи самтҳо |
|---|---|
| 1. | Таҳия ва муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва бартарияти хизматрасониҳои гумрукӣ |
| 2. | Асосноккунӣ ва тарҳрезии самтҳои асосии рушди инноватсионии фаъолияти гумрукӣ |
| 3. | Такмил додани санадҳои қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ |
| 4. | Такмил додани фаъолияти молиявии мақомоти гумрук |
| 5. | Мукаммалгардонидани назорати асъор ва истифодаи низомҳои гумрукӣ |
| 6. | Беҳдошти фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо, инчунин, ҳифзи ҳуқуқи намудҳои ҷудогонаи моликият, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ |
| 7. | Таъмини рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук ва такмили он |
| 8. | Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар мақомоти гумрук ва ҷузъу томҳои он |
| 9. | Тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии онҳо |

| | |
|---|---|
| 10. | Такмили намудҳои гузаронидани экспертиза ва таҳқиқот дар раванди гузаронидани назорати гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ |
| 11. | Мукаммалгардонидани инфрасохтори мақомоти гумрук ва ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ |
| 12. | Беҳдошти ҳамкории байниидоравии ташкилотҳои гумрукӣ |
| 13. | Таъмини пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ |
| 14. | Беҳдошти рушди ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ |

**Сарчашма**: пешниҳоди муаллиф

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир самтҳои асосии рушд ва таҷдиду азнавсозии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти маҳдудиятҳои буҷетии мавҷуда ва имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ ва мали намудани Стратегии миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030 муайян карда мешавад.

Номгӯи хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи санадҳои ҳуқуқии кишват ва байналмилалии соҳаи фаъолияти гумрукии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда, ба роҳ монда шуда, амалӣ карда мешавад.

Дар ин замина таҷдиду азнавсозии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳалли масъалаҳои дохилисистемавӣ ва низомҳои гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Пурра иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Созишномаи СУС, Конвенсияи Киото ва конвенсияҳои дигар дар соҳаи гумрукӣ, ки ташаккули қоидаҳои муфассали муассир ва шаффофи назорати гумрукиро дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ талаб мекунанд;

2. Таваҷҷуҳи зиёди ҷомеаи башар ба масъалаҳои амният ва зарурати таҳкими нақши мақомоти гумрук дар мубориза бо ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва сохторҳои ҷиноии фаромиллӣ;

3. Рақобати тақвиятёфтаистода дар савдо, боркашонӣ ва транзити мол дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва миқёси ҷаҳон;

4. Зиёд шудани шумораи шартномаҳои минтақавӣ ва дуҷонибаи тиҷоратии тақвиятдиҳандаи ҳамгироии минтақавӣ;

5. Таъмини иҷрои тамоюли савдои байналмилалӣ оид ба коҳиш додани меъёрҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ ва сиёсати савдои озод, нисбатан камшавии вазни қиёсии пардохти боҷи гумрукӣ дар воридоти андозӣ ба буҷаи давлат;

6. Тавсеаи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи назорат дар сарҳад ва таҳкими масъулияти мақомоти гумрук дар ташкили ҳамкориҳо ҳангоми амалӣ намудани назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳҳои гумрукӣ;

7. Иҷрои талаботи меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ (тавсияҳои Комиссияи Иқтисодии Аврупои Созмони Милали Муттаҳид ва СУГ) оид ба рушд ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тиҷорати байналмилалӣ, ки силсилаи таъминоти он бо усули «савдои наздисарҳадӣ» бо истифодаи тиҷорати электронӣ осон мекунанд ва ғайра.

Дар маҷмӯъ баррасии ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳои гумрукӣ ба он нигаронида шудааст, ки баланд бардоштани шаффофият ва сифат ҳангоми ҷорӣ намудани ин раванд ҳалли худро ёбад.

Аз тарафи дигар беҳтар намудани сатҳи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ заминаи асосӣ барои рушди савдои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Пеш аз ҳама ҳалли ин масъалаҳо бе баланд бардоштани сатҳи сифат ва шаффофияти хизматрасонии гумрукӣ, таҷдиди расмиёти гумрукӣ, истифодаи низомҳои гумрукӣ ва мутобиқгардонии усулҳои назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт ба стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла талаботи Конвенсияи Киото, Созишномаи СУС ва тавсияҳои СУГ, амалӣ намудан имконнопазир мебошад.

Ҳангоми пешниҳод ва расонидани хизматрасониҳои гумрукӣ диққати асосӣ ба ҷорӣ намудани муносибатҳои зерин, ки дар таҷрибаи

байналмилалии маъмуригардонии гумрукӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд, зарур аст:

- баланд бардоштани мақоми ташкилотҳои гумрукӣ дар роҳандозии ҳамкориҳои байниидоравӣ дар асоси низоми идоракунии ҳамгироишуда, ки такроршавии назорати сарҳадии молу борро ва воситаҳои нақлиётро барҳам медиҳад;
- рушди ҳамкориҳои мақомоти гумрук бо иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, ки ба талаботи Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба таъмини амнияти савдо ва рушди муносибатҳои мунтазами машваратӣ бо иттиҳодияҳои тиҷоратӣ асос ёфта, барои коркарди қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ бо дарназардошти манфиати тарафҳо мувофиқашуда зарур мебошад;
- таъмини тартиби содагардонидашудаи савдо барои иштирокчиёни бовиҷдони фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷумла амалӣ намудани талаботҳо ҷиҳати танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ;
- гузаронидани муҳимияти назорати гумрукӣ аз марҳилаи барасмиятдарорӣ ба марҳилаи баъди иҷозати мол бо истифодаи низоми идораи таваккал;
- рушди ҳамкории байниидоравии электронӣ ва гирифтани маълумот доир ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии барои барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ, дар асоси истифодаии «Равзанаи ягона», «Истгоҳи ягона» ва ҷорӣ намудани усули «савдои беқоғаз»;
- ҷорӣ намудани иттилоотонии пешакии мусоидаткунандаи кам кардани муҳлат ва суръатбахшии низоми иҷозати мол барои муомилоти озод;
- таъмини дастрасии озоди субъектҳои ба савдо машғулбуда, тарафҳои дигари манфиатдор ва шахсони дигар ба иттилооти тиҷоратии дахлдор ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми расонидани хизматрасониҳои гумрукӣ, тамоюли афзоиши тиҷорати байналмилалӣ, афзалиятҳои

миллӣ, инчунин, афзоиши таҳдидҳои террористии фаромиллӣ ва фаромарзиро ҳатман бояд ба инобат гирифт.

Инчунин дар ин раванд таҳким бахшидани заминаҳои моддию техникӣ ва махзани иттилоотии мақомоти гумрукӣ, васеъ намудани имкониятҳои он ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мақоми мутобиқаткунандаи ҳамаи расмиёти содироту воридот ва транзити мол, аз ҷумла ҳангоми амалисозии назорати сарҳадӣ, пешбинӣ менамояд, зарур аст.

Барои амалӣ намудани раванди такмили муносибатҳои ҳозиразамон дар фаъолияти мақомоти гумрукӣ бояд ҳалли масъалаҳои афзалиятнок аз диди нав  дида баромада шуда такмили онҳо бо назардошти рақамикунонии гумрукӣ таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ, пеш аз ҳама ба такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд равона карда шавад.

Бо мақсади такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ин корҳо зарур аст:

- баррасӣ намудан ва таъмини ҳаммонандкунии ососҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо санадҳои СУС, СУГ, кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ташкилоту сохторҳои дигари молиявию иқтисодии байналмилалӣ;
- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ;
- беҳтар намудани сифати батанзимдарории гумрукӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзоиш додани воридоти пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва дастгирии фаъолияти савдои хориҷӣ;
- беҳтар намудани раванди маъмурикунонии гумрукӣ, аз ҷумла вусъат бахшидани системаи идоракунии таваккал дар асоси татбиқи

расмиёти гумрукӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ; - таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва андешидани тадбирҳо дар соҳаҳои амнияти иқтисодӣ, экологӣ, биологӣ, беҳдоштӣ, эпидемиологӣ, иттилоотӣ, радиатсионӣ ва ғайра;

- пурра ҷорӣ намудани декларатсияи гумрукии борӣ рақамӣ (электронӣ), вусъат бахшидани ҷараёни татбиқи лоиҳаи ташкили равзанаи ягонаи гумрукӣ, аз ҷумла содагардонӣ ва марказикунонии низоми супоридани пардохтҳои гумрукӣ;
- дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои мақомоти гумрук бо мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ;
- тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти гумрук дар мубориза бар зидди қочоқ;
- таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати бартараф намудани хавфу хатар ва таҳдидҳо ба муҳити зист ва пешгирии воридоту содироти ғайриқонунии объектҳои олами наботот ва ҳайвонот;
- андешидани тадбирҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ, бахусус даст кашидан аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, доруворӣ, биологӣ ва маҳсулоти дигари ба саломатии инсон зараровар, аз ҷумла организмҳои аз ҷиҳати ирсӣ (генетикӣ) тағйирёфта;
- ба сомон расонидани корҳо оид ба таъмин намудани мақомоти андоз бо маълумоти омори гумрукӣ дар бораи содироту воридот ба тариқи электронӣ;
- такмили технологияҳои ташаккул, коркард ва пешбурди маълумоти омори гумрукӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ғайра.

Самти дигари беҳтарсозии хизматрасониҳои гумрукӣ такмил додани амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалӣ ба ҳисоб меравад.

Иҷрои ин вазифаҳо дар асоси татбиқи босамари назорати риояи меъёрҳои қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андоз ва пардохтҳо, дурустии ҳисобкунӣ ва сари вақт супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ асос ёфта амали карда мешавад.

Ба ақидаи мо барои  такмил додани фаъолият барои иҷрои вазифаҳои фискалӣ иҷрои қисматҳои зерин зарур мебошад:

- диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои супоридани пардохтҳои гумрукӣ, аз ҷумла бо мақсади кам кардани сарбории маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои дурустии ҳисобкунӣ ва пардохти саривақтии онҳо, таҳияи низомҳои онлайни супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо, ки аз ҷониби мақомоти гумрук идора карда мешаванд;
- таҳияи баҳисобгирии мутамарказонидашудаи маблағҳои пулии пардохткунандагон бо мақсади кам кардани муҳлати анҷом додани амалиётҳои гумрукӣ ва коҳиши ҳадди ақали хароҷоти пардохткунандагони барои супоридани пардохтҳои гумрукӣ;
- такмили тадбирҳое, ки ба коҳиши ҳадди ақали ҳолатҳои ба вуҷуд омадани қарзҳо дар супоридани пардохтҳои гумрукӣ, пардохтҳои дигар, ҷаримаҳо ва фоизҳо, аз ҷумла тавассути таъмини иҷрои уҳдадории супоридани пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ нигаронида шудаанд;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳангоми маъмурикунонии таъмини иҷрои уҳдадориҳо оид ба ҳисоб ва супоридани пардохтҳои гумрукӣ;
- истифодаи технологияҳои электронӣ ҳангоми ташкили ситонидани қарздории бавуҷудомада дар пардохти боҷҳои гумрукӣ ва ҷаримаҳо дар доираи ҳамкории байниидоравӣ;

➢ ташкил ва рушди хизматрасонии иттилоотии ҳисоби шахсӣ дар утоқи шахсии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ дар сомонаи расмии Хадамоти гумрук, аз ҷумла муносибгардонии равандҳои идоракунӣ, истифодаи низомҳои гумрукӣ ва назорати маблағҳои пулӣ;

➢ ба роҳ мондани корҳои таҳлилӣ дар доираи назорати пурра ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо дар шароити баҳисобгирии мутамарказонида;

➢ такмил додани механизми пешниҳоди батаъхирандозӣ ва дароз кардани муҳлати супоридани пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсиякунонии мол ва назорати муҳлати пардохти онҳо;

➢ такмили маъмуригардонии имтиёзҳо оид ба супоридани пардохтҳои гумрукӣ, чӣ дар марҳилаи декларатсиякунонии мол ва чӣ дар марҳилаи баъди иҷозати мол;

➢ фароҳам овардани шароитҳои барҳамдиҳандаи истифодабарии ҳаргуна амалҳои саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва ошкор намудани интиқоли пинҳонии молу маблағҳо;

➢ таъмини пуррагӣ ва саривақтии супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ;

➢ таҳия ва ҷори намудани низоми пардохтҳои фосилавии гумрукӣ;

➢ ба роҳ мондани ҳамкории судманди мақомоти гумрук ва андоз дар ташкили механизми ягонаи маъмуригардонии андоз ва пардохтҳои гумрукӣ ва ғайра

Ҳангоми пешбурди фаъолияти гумрукӣ амалисозии назорати асъор ҷойи асосиро ишғол менамояд. Дар шароити муосир фаъолияти Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи тағйироти глобалӣ ба роҳ монда шуда, зарурати рушд ё такмили минбаъдаи назорати асъорро, ки аз ҷониби он амалӣ мегардад, тақозо мекунад.

Дар маҷмӯ ташкили механизми ҳуқуқии муассири назорати асъор шарти зарурии таъмини манфиатҳои иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз мақсадҳои асосии роҳандозии назорати асъор аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

➢ таъмини тадбирҳои пешгирикунандаи ба бартараф намудани вайронкуниҳои қонунгузории асъорӣ аз ҷониби ташкилотҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт нигаронидашуда, тавассути ноилшавӣ ба сатҳи баланди ташкили аз ҷониби мақомоти гумрук амалисозии назорати амалиёти асъории марбут ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт;

➢ таҳия ва амалисозии чорабиниҳои маҷмӯӣ дар ҳамкорӣ бо ҷузъу томҳои сохтории мақомоти гумрук ва бо воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти гумрук, ки вазифаҳоро дар самти назорати асъор татбиқ месозанд;

➢ такмили низоми ҳамкориҳои байниидоравии иттилоотӣ дар самти гирифтани маълумот ва муайян кардани амалиёти молиявии шубҳаноке, ки резидентҳо анҷом медиҳанд, бо мақсади бартараф намудани сарбории зиёди маъмурӣ барои иштирокчиёни бовиҷдони фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ ва ғайра.

Ба ақидаи мо ҳалли масъалаи такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар асоси таъмини риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо, ҳамчунин, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ нисбат ба молҳои воридотӣ (содиротӣ) амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук бо дарназардошти риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо, инчунин, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ нисбат ба молҳои воридотӣ (содиротӣ) аз қисмҳои зерин иборат аст:

➢ муяссар шудан ба сатҳи фаъолияти унсурҳои алоҳидаи механизми ягонаи худкори анҷомдиҳандаи амалиёти гумрукӣ, ки ба амалисозии ҳамкории байни мақомоти гумрук ва ҷонибҳои манфиатдор

бо иштироки ҳадди ақали шахсони мансабдори он ва дар низоми вақти ба воқеият наздик, имконият медиҳад;

- истифодаи қувваҳои асосӣ ва воситаҳои таъминкунандаи риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳои мақомоти гумрук, инчунин, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар марҳилаи анҷомёбии амалиёти гумрукӣ пеш аз пешниҳоди эъломияи гумрукӣ ва (ё) баъди иҷозати мол;

- ҳифзи захираву имконоти низоми мақомоти гумрук ҷиҳати роҳ надодан ба зарар овардан ба манфиатҳои ҳифзи амнияти миллӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, олами наботот ва ҳайвонот, муҳити зист, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ;

- фароҳам овардани шароитҳое, ки зимни онҳо истифодабарии мамнӯият ва маҳдудиятҳо нисбати мол барои истифодаи технологияҳои бақайдгирии худкор монеа намешаванд;

- пурра ҷорӣ намудани механизми «Равзанаи ягона» бо дарназардошти таҷриба ва амалияи байналмилалии қабулшуда ва амалкунанда;

- такмил намудани принсипи «Истгоҳи ягона» бо дарназардошти таҷриба ва амалияи байналмилалии қабулшуда;

- амалӣ намудани механизмҳои иттилоотонии пешакии ҳатмӣ ҷиҳати коҳиши ҳаддиақалии таваккалҳои риоя нашудани ҳуқуқҳои вобаста ба риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо;

- нораво будани татбиқи расмиёти содагардонидашуда ҳангоми анҷом додани амалиёти гумрукӣ бо молҳое, ки бояд таҳти назорати иловагии назорати давлатӣ қарор гиранд ва ҳамчун молҳои таваккалӣ ҳаммонанд шуда, санҷиши иловагиро талаб мекунанд;

- такмили системаи ҳамкории байниидоравии электронӣ бо мақсади таъмини имконияти гирифтани ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти аз онҳо зарур ҷиҳати анҷом додани амалиёти гумрукӣ аз системаи иттилоотии мақомоти давлатии (ташкилотҳои) давлатҳои узви Иттиҳоди

давлатҳои муттаҳид дар доираи ҳамкориҳои иттилоотии мақомоти гумрукӣ, инчунин, мақомоти ғайридавлатӣ ва ғайра.

Дар навбати худ ба масъалаи рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ дар мақомоти гумрук ҷойи асосӣ ҷудо кардан зарур аст. Муқовимат бар зидди даъвату таҳдидҳо дар соҳаи амнияти миллии давлат, ҳадафи асосии такмил додани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад. Хавфи асосӣ барои дар раванди таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии содиркунандаи кирдорҳои ғайриқонунии дорои аломатҳои ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Аз ин лиҳоз ба ин, кӯшишҳои асосии воҳидҳои сохтории ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук ба огоҳкунӣ, пешгирӣ, ошкорнамои ва кушодани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии марбут ба салоҳияти мақомоти гумрук, пешгирии роҳҳои қочоқи молу воситаҳои нақлиёт ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятпешаи муташаккил дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷуброни зарари иқтисодии тавассути содиркунии ҷиноят ба давлат расонидашуда равона карда шудааст.

Ба ақидаи мо вазифаҳои асосӣ доир ба инкишофи инноватсионии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар робита бо кам кардани муҷозот барои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукии сабук;
- такмили ташкили кори ташкилотҳои гумрукӣ оид ба иҷрои қарорҳои марбут ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
- баланд бардоштани сифати истеҳсолоти маъмурӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла бо роҳи васеъ намудани имкониятҳои ташаккули маҳзани исботкунанда оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бо истифода аз системаҳои

иттилоотии мақомоти гумрук ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ;

➢ такмили назорати дохилиидоравии фаъолияти фаврӣ ҷустуҷӯии мақомоти гумрук, ки ба баланд бардоштани сифати пешбурд ва натиҷабахшии ин фаъолият нигаронида шудааст;

➢ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохтории фаврию ҷустуҷуии мақомоти гумрук оид ба ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноятҳои вобаста ба саркашӣ кардан аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ алоқаманд ва мубориза бар зидди намудҳои махсусан хатарноки қочоқ;

➢ дуруст ба роҳ мондани низоми пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук;

➢ такмили низоми «мониторинг»-и ва назорати интиқоли маблағҳои пули нақд ва ё воситаҳои пулӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин андешидани маҷмуи тадбирҳо оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ҳангоми интиқоли пули нақд ва ё воситаҳои пулӣ аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тавсияҳои мақомоти давлатӣ да асоси таҳияи чораҳои молиявии мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) маблағҳо;

➢ коҳиш додани ҳаҷми интиқоли ғайриқонунии сармоя аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муқовимат ба нақшаҳои ғайриқонунии интиқоли маблағ аз кишвар дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла дар доираи амалиёти қалбакии ба анҷом додашуда

➢ таъмини воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ бо низоми муосири иттилоотии ҷустуҷӯи зеҳнии маълумот аз манбаъҳои кушодаи иттилоот ва «мониторинг»-и воситаҳои ахбори омма;

- такмили ҳамкории дохилиидоравӣ, байниидоравӣ ва байналмилалӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъмини мамнӯияту маҳдудиятҳо, муқовимат ба гардиши молҳои қалбакӣ, муқовимат ба интиқоли сармоя ба хориҷа, ки бо расмикунонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм алоқаманд аст, аз ҷумла бо роҳи васеъ кардани доираи ваколатҳои мақомоти гумрук ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳо дар ин соҳаҳо ва ғайра.

Дар раванди баррасӣ ва асосноккунии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрук такмили таъминоти ҳуқуқии фаъолияти он бо назардошти талаботҳои иқтисодиёти рақамӣ то соли 2025 хело зарур аст.

Яке аз омилҳои асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин риояи талаботи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, шахсони ба фаъолияти гумрукӣ машғулбуда, шахсони воқеӣ, инчунин мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он мебошад.

Дар ин раванд барои такмилдиҳии заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумрук зарур аст чораҳои зерин амали карда шаванд:

- таъмини риояи ягонаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон чи аз ҷониби мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он ва чи аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, шахсони ба фаъолияти гумрукӣ машғулбуда ва шахсони воқеӣ дар тамоми ҳудуди кишвар; баланд бардоштани сатҳи қонунияти қарорҳо, амалҳои (беамалии) дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ қабулшаванда (иҷрошаванда);
- баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ машғулбуда ва шахсони воқеӣ ба шикоят овардан тариқи

маъмурӣ аз болои қарорҳо, амали (беамалии) қабулшуда дар самти пешбурди фаъолияти гумрукӣ;

➢ такмили механизми мавҷуда ва таъсиси механизмҳои нави фаъолияти ҳуқуқӣ бо дар назар доштани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи бадастомада;

➢ сари вақт гузаронидани корҳои иттилоотию таҳлилии соҳаи ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ;

➢ такмили тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти гумрук оид ба маълумотдиҳӣ дар бораи санадҳои қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, инчунин корҳои машваратӣ ва фаҳмондадиҳӣ оид ба масъалаҳои гумрукӣ ва масъалаҳои дигари марбут ба салоҳияти мақомоти гумрук;

➢ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии шахсони мансабдори мақомоти гумрук ва сатҳи касбии онҳо тавассути ба роҳ мондани корҳои таълимию методӣ ва бозомӯзии онҳо.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ба зиммаи мақомоти гумрук вогузоршуда тавассути амалисозии мунтазам ва мақсадноки сиёсати кадрӣ ба роҳ монда мешавад. Самтҳои асосии такмили кор бо кадрҳо ва бозомӯзии онҳо аз қисматҳои зерин иборат аст:

➢ такмили кор бо кадрҳо - интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо;

➢ таъмини сатҳи зарурии касбии шахсони мансабдори мақомоти гумрук;

➢ риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат бо коррупсия дар мақомоти гумрук;

➢ такмили идоракунии ҳайати кадрии мақомоти гумрук ва баланд бардоштани сифати ташаккули ҳайати кадрӣ ва бозомӯзии онҳо;

- такмили низоми рушди тахассусии шахсони мансабдори мақомоти гумрук, баланд бардоштани сатҳи касбият ва салоҳиятнокии онҳо;
- такмили заминаҳои таълимию методӣ ва илмии Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук бо дарназардошти тавсияҳои созмони умумиҷаҳонии гумрук;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии шахсони мансабдори мақомоти гумрук тавассути бонизом ва мақсаднок ба роҳ мондани корҳои таълимию методӣ;
- такмили механизмҳои зиддикоррупсионӣ ва ғайра.

Хангоми гузаронидани назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт рушди экспертиза ва таҳқиқот зарур аст. Вазифаи асосии Озмоишгоҳи гумрукии марказии Хадамоти гумрук таъминоти таҳқиқии пурраи мақомоти гумрук, ҳам барои мақсадҳои назорати гумрукӣ ва ҳам барои мақсадҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, мебошад.

Ҳадафи рушди минбаъдаи экспертиза ва таҳқиқот дар татбиқи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт чунин аст:

- таъмини сатҳи баланди илмӣ-техникии заминаҳои техникии Озмоишгоҳи гумрукии марказии Хадамоти гумрук ҳангоми гузаронидани экспертизаҳои гумрукӣ ва инфрасохтори ҷавобгӯи талаботи стандартҳои озмоишгоҳҳои гумрукӣ (тавсияҳои созмони умумиҷаҳонии гумрук);
- ташкил ва бо пойгоҳи техникии муосир муҷаҳҳазсозии озмоишгоҳҳои минтақавии гумрукӣ барои иҷрои экспертизаҳои гумрукӣ; вусъат бахшидани таҷрибаи истифодаи низоми ҳамкориҳои дохилиидоравии электронӣ бо мақсади кам кардани вақти қабули қарорҳо;
- кам кардани вақти гузаронидани экспертизаҳои гумрукӣ, инчунин, экспертизаҳое, ки нисбати парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои

маъмурӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ бо роҳи сермаҳсулии истеҳсолот таъин карда мешаванд;

- васеъ истифода намудани воситаҳои баҳисобгирии натиҷаҳои экспертизаҳои гумрукӣ дар доираи ташкили идоракунии таваккал. Инчунин истифода аз барномаҳои махсусуси компютерӣ ва ғайра.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди инфрасохтори гумрук ва ҷори намудани иқтисодиёти рақамӣ яке аз масъалаҳои асоси ба ҳисоб меравад. Бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои ба зиммаи мақомоти гумрук вогузоршуда, созмон додани инфрасохтори ҷавобгӯи талаботи муосир зарур аст. Барои рушди инфрасохтори гумрукӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ҳалли масъалаҳои зерин зарур аст:

- дар доираи барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва идоравӣ, сохтмон ва таҷдиду азнавсозии биноҳои хизматию истеҳсолӣ, аз ҷумла наздик ба сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз рӯи зарурат хариди объектҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ё маблағҳои махсус; муҷаҳҳазсозии дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо воситаҳои муосири техникии назорати гумрукӣ, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд; ҷалби сармоя ҷиҳати бакорандозии объектҳои сохтмонашон нотамом ва қитъаҳои замини ба мақомоти гумрук ва муассисаҳои пешниҳодгашта, ки дар тобеияти Хадамоти гумрук қарор доранд; ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ барои сохтмон ва муҷаҳҳазсозии дидбонгоҳҳои гумрукӣ;
- бо назардошти талаби замон гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ва созмон додани гумрукҳои рақамӣ ғайра.

Дар ин раванд рушди ҳамкории байниидоравиро мо дар асоси самтҳои зарур мешуморем:

- аз ҷониби Хадамоти гумрук такмил додани воситаҳои дохилии механизми «Равзанаи ягона» ва «Истгоҳи ягона»;

- декларатсиякунонии электронӣ бо риояи ҳатмии пешниҳоди яккаратаи ҳуҷҷатҳо дар доираи ҳамкориҳои иттилоотии байниидоравӣ;
- тариқи худкор қабул намудани шакли бевоситаи декларатсияи молҳо, иҷозати худкори мол дар асоси иҷозатномаҳои аз ҷониби мақомот додашуда ва маълумот аз СИАЯ-и мақомоти гумрук;
- татбиқи равандҳои умумии ҳамкориҳои мутақобилаи иттилоотӣ дар байни ҳамаи иштирокчиёни манфиатдори савдои байналмилалӣ;
- аз ҷониби мақомоти гумрук густариш бахшидани самтҳои истифодаи маълумоти пешакӣ ҳангоми анҷоми амалиёти гумрукӣ ва эъломиякунонӣ, татбиқи расмиёти гумрукӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷозати мол;
- таъмини мамнӯият ва маҳдудиятҳо, назорати асъор ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ки ба ҳамкории мутақобилаи мақомоти гумрук ва ҷонибҳои манфиатдор танҳо дар шакли электронӣ дар низоми вақти воқеӣ, бе иштироки шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар марҳилаи декларатсиякунонӣ ва иҷозати мол имконият медиҳад;
- густариши ҳамкории иттилоотонӣ дар шакли электронӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла татбиқи маҷмуи чорабиниҳои ташкилию техникӣ барои давра ба давра ҷойгиркунии маълумот дар манбаъҳои иттилоотии байниидоравӣ;
- иҷрои шартномаҳои амалкунанда оид ба ҳамкории иттилоотии Хадамоти гумрук бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, навсозии воситаҳои иттилоотию техникии СИАЯ-и мақомоти гумрук дар асоси технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва ҳалли техникию барномавӣ.

Дар маҷмӯ Хадамоти гумрук хизматрасонии давлатиро дар асоси таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва ҳамкорӣ бо доираи соҳибкорону тоҷирон дар асоси низоми хизмати давлатӣ пешниҳод менамояд.

Вазифаҳои асосии рушди низоми пешниҳоди хизматрасонии гумрукӣ чунин аст:

- баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии иштирокиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, шаҳрвандон ва ташкилотҳо аз натиҷаи ҳамкориҳо бо мақомоти гумрук ҳангоми гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи гумрук;
- содагардонии дастрасии хизматҳо барои шаҳрвандон ва ташкилотҳо, инчунин расмиёти ҳамкорӣ бо мақомоти гумрук, хизматрасонӣ, коҳиш додани хавфи коррупсионӣ, такмил додани самаранокии хароҷоти буҷет.

Инкишофи минбаъдаи низоми пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ тавассути баргузории чорабиниҳо ҷиҳати васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳо аз ҷониби Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшаванда ва навсозии СИАЯ-и мақомоти гумрук бо дарназардошти талаботи Созишномаи СУС оид ба таъмини амнияти савдо ва мусоидати тиҷорат амалӣ карда мешавад.

Дар шароити кунунӣ рушди ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ самти афзалиятнок ҳисобида мешавад. Ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути содагардонӣ ва коҳиш додани расмиёти гумрукӣ ҳангоми содирот ва воридот мебошад. Амалигардонии ин мақсадҳо тавассути ташкили лоиҳаҳо дар соҳаи гумрук, ба монанди «долони сабз», эътирофи дуҷонибаи натиҷаҳои назорати гумрукӣ, мубодилаи аксҳои системаи маҷмуии назоратию санҷишӣ, инчунин, ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад.

Дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ чунин самтҳо амалӣ карда мешаванд:

- ба роҳ мондани фаъолияти байналмилалии хадамоти гумрук дар доираи салоҳияташ дар татбиқи равандҳои ҳамгироӣ дар ҳудуди ИДМ ва дар доираи ИИАО;
- ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ;

- ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (СҲИ), Барномаи ҳамкории минтақавии иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ (CAREC) ва ғайра;
- бастани шартномаҳои байналмилалӣ бо мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкили мубодилаи маълумоти пешакӣ дар бораи молу воситаҳои нақлиёт;
- ташкили заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ бо мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ бо мақсади муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;
- васеъ намудани доираи ҳамкорӣ дар самти мубодилаи маълумот оид ба арзиши гумрукии мол бо хизматрасонии гумрукии давлатҳои хориҷӣ бо мақсади суръатбахшии равандҳои барасмиятдарории гумрукӣ ва тасдиқи маълумоте, ки аз ҷониби содироткунандагон дар эъломияи гумрукӣ дарҷ карда мешавад,
- васеъ намудани доираи ҳамкорӣ бо мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи таъмини риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо, ҳифзи ҳуқуқӣ, моликияти зеҳнӣ ва назорати асъор.

Ба ақидаи мо амали намудани стратегияи рушди хизматрасониҳои гумрукӣ пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон дуруст ба роҳ монда шуда, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва бехатарии иқтисодиёти он дар давраҳои кутоҳмуҳлат (солҳои 2020-2024) ва даромуҳлат солҳои 2025-2030) таъмин карда шавад.

Бо назардошти ин ба арзёбии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ дпр Тоҷикистон мегузарем.

### 3.2. Арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ

Дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукӣ ҳалли масъалаи арзёбии сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин раванд пеш аз ҳама ҳангоми афзоиш намудани ҳаҷми амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва шумораи субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, бартараф намудани камбудиҳо ҷиҳати ҳуҷҷатгузорӣ зиёд шуда, аз мақомоти гумрукӣ беҳдошти фаъолиятро тақозо менамояд.

Пеш аз ҳама ҳалли ин масъалаҳо баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ва риояи қонунгузориро ҳангоми иҷрои амалиётҳои гумрукӣ, такмил додани системаи менеҷменти сифатӣ, ҷавобгӯй будан ба талаботи стандартҳои байналмилалии амалкунанда равона карда шудааст.

Дар раванди гузаронидани таҳлили рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ муайян кардани омилҳо ва сабабҳое, ки ба сатҳу сифати онҳо таъсир мерасонанд хело муҳим аст ва ин аз фаъолияти пурсамари кормандони мақомоти гумрук вобаста аст.

Дар асоси таҳлили фаъолияти ҷузъу томҳои гумрукӣ мо муайян кардем, ки ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ мавҷуд будани хатогиҳо ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсирири бевосита мерасонад Ин хатогиҳо ҳангоми пур кардани декларатсияҳои гумрукӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва кормандони гумрук рух медиҳад.

Дар баъзе ҷузъу томҳои мақомоти гумрукӣ ин хатогиҳо беш аз 25% -ро ташкил медиҳанд, ки аз омили инсонӣ, истифодаи нодурусти воситаҳои техникию типографӣ ва роҳ додан ба хатогиҳои грамматикӣ ва тавсифи нопурраи молҳои интиқол дода шуда ба вуҷуд меояд.Дар бисёр ҳолатҳо ин аз беэътиноии кормандони масъули гумрукӣ сурат мегирад.

Аз тарафи дигар кормандони хадамоти гумрук на ҳамеша таҳлили сифатии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо анҷом дода, тарҷумаҳоро аз/ба

забонҳои хориҷӣ, инвентаризатсияи дақиқи ҳуҷҷатҳо, хулосаи коршиносон, ҳуҷҷатҳои нопурраи техникӣ намегузаронанд ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намекунанд. Ин боиси он мегардад, ки дар асоси онҳо пардохтҳои иловагии гумрукӣ ситонида нашуда ё парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шаванд.

Дар ин раванд инчунин мушкилоти маъмултарин мавҷуд будани дараҷаи сифати пасти хизматрасонии гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

- истифодаи нодурусти рамзи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва кишвари истеҳсолкунандаи мол;

- вуҷуд надоштани асос барои тасдиқи маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда мавҷуданд;

- нодуруст пур кардани декларатсияи гумрукии бори электронӣ, нишон додани қурби асъор ва санаи тартиб додани ҳуҷҷатҳо, бақайдгирии аризаҳо оид ба тағйир додани декларатсияи гумрукӣ ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама имрӯз ташкил ва амалисозии бозомӯзии кадрҳо ҷиҳати омодасозии ҳуҷҷатҳо, ислоҳ намудани камбудиҳо нисбати вайронкунандагони қоидаҳои гумрукӣ зарур мешуморем. Аз тарафи дигар пурзур намудани назорати раванди натиҷагириро нисбати тартиб додан ва дуруст пур кардани ДГБ, риояи қонунгузории гумрукиро ҳангоми иҷрои амалиёти иқтисодии байналмилалӣ , зарурияти пешгирии чунин ҳолатҳоро мувофиқи мақсад мешуморем.

Дар ҷадвали 3.2 омилҳое, ки сабаби кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба Тоҷикистон, ки мо муайян намудем, оварда шудааст.

Ҷадвали 3.2.-Омилҳое, ки боиси кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд

| № б/т | Номгӯйи омилҳо |
|---|---|

| | |
|---|---|
| 1. | Татбиқи имтиёзҳои гумрукию андозӣ нисбат ба воридоти таҷҳизоти технологии истеҳсолӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини раванди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар |
| 2. | Озод намудани воридоти таҷҳизоти ҳозиразамони истеҳсолию технологӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ |
| 3. | Паст намудани меъёри боҷҳои гумрукӣ барои ворид намудани ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти воридивазшаванда ва зиёд намудани ваъзе аз меъёрҳо |
| 4. | Маҳдуд намудани ниёзи бозори дохилӣ аз моли хориҷӣ, ҳамчун заминаи устувор барои рушди истеҳсоли молҳои ватанӣ |
| 5. | Муносибати нодурусти кормандони гумрукӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва сифати пасти дараҷаи кории онҳо |
| 6. | Давра ба давра мадуд намудани воридоти молҳое, ки истеҳсолашон дар кишвар ба роҳ мондашудааст: (семент, ангишт, орд ва маҳсулоти аз орд тайёршуда, маҳсулоти либосворӣ (либоси ҳарбӣ ва мактабӣ), маҳсулоти қолинӣ, қаннодӣ, мебел, рангҳои сохтмонӣ, маводҳо барои шустушӯй, маҳсулоти аз асбест тайёршуда, маҳсулоти аз оҳан тайёршуда ва ғайра) |

**Сачашма**: пешниҳоди муаллиф.

Инчунин ҳангоми баҳодиҳии натиҷаи пешбурди фаъолияти гумрукӣ баррасии омилҳои иҷро нагардидани нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукиро ҷудо кардан зарур аст. Пеш аз ҳама ба ин омилҳо дохиланд:

- фаъолияти мавсимии гузаргоҳи сарҳадии Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар фасли зимистон);
- мушкилоти транзити молҳо тавассути қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон вобаста ба вазъи ноороми сиёсии ин кишвар;
- гарон будани тарифҳои транзитӣ (махсусан тариқи роҳи оҳан) дар Ҷумҳурии Узбекистон;
- тафовути меъёри андозбандӣ ва то ҳол шаффоф мондани сарҳад миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ва ғайра.

Ба хатогиҳое, ки аксар вақт мутахассғайрисон ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ба он роҳ медиҳанд, аз қабили нодуруст ҳисоб кардан ё ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, додани имтиёзҳо; надоштани маълумот дар бораи шиносномаи муомила, тарҷумаҳои ҳуҷҷатҳо, пур кардани нодурусти нусхаҳои электронии декларатсияҳои

гумрукӣ, нишон додани санаи ҳуҷҷатҳо, рамзҳои асъорӣ ва ғайра мебошанд.

Бо назардошти ин амалӣ намудани чораҳои зеринро зарур мешуморем:

- таҳлили ҳамаҷонибаи камбудиҳои дар раванди барасмиятдарории гумрукӣ мавҷудбуда, бо муайян кардани масъулияти шахсии кормандон;
- ба роҳ мондани такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумрукӣ дар асоси мунтазам омӯхтани кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ташкили семинарҳо, таҷрибаомӯзӣ, гузаронидани аттестатсияи кормандон зарур аст;
- зиёд кардани шумораи мутахассисоне, ки шаҳодатномаи тахассусӣ доранд;
- огоҳкунӣ ва ба роҳмондани пешбурди корҳои мақсаднок оид ба кам кардани хавфҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ;
- баланд бардоштани истифодаи расмиёти соддагардонидашудаи гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба раванди гумрукӣ;
- бо технологияи нав муҷаҳҳаз нардонидани инфрасохтори фаъолияти гумрукӣ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки баъди ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, талабот ба сифати кори мутахассисони гумрук, зарурати истифодаи технологияҳои муосир аз тарафи онҳо, баланд бардоштани тахассус ва касбияти кормандону дар ниҳояти кор, сифати хизматрасониҳои гумрукиро зарур мешуморем.

Дар ин раванд инчунин беҳдошти тартиби ҳуқуқии интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муҳим буда, дар баробари ғанӣ гардонидани буҷаи давлат, мебояд субот ва амният дар қаламрави гумрукӣ таъмин карда шавад.

Инчунин нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори кишвар, беҳтар шудани ҳамгироиҳои иқтисодиро зарур шуморидан ба маврид аст[58].

Аз тарафи дигар бояд танзими хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое бошад, ки шахсон ҳангоми риоя онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар таъмин карда шавад[59].

Дар ин раванд назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиётро мақомоти гумрук ҳамчун маҷмуи тадбирҳое, ки ӯ бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ месозад. Новобаста ба ин имрӯз зарурияти такмил додани назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол ба миён омадааст, ки иҷрои корҳои зеринро дар бар мегирад:

1. созмон додани механизми пайгирикунандаи гардиши мол аз лаҳзаи ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан то лаҳзаи ба истеъмолкунанда додани он, инчунин рушди ниҳоди рамз ва тағмагузории мол бо мақсади аз байн бурдани истифодабарии нақшаҳои гуногуни саркашӣ кардан аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар аз ҷониби санҷишкунандагон, ки ситонидани пардохтҳо ба зиммаи мақомоти гумрук вогузор шуда, ба самаранок гузаронидани назорати гумрукӣ мусоидат мекунад, аз ҷумла аз шахсоне, ки савдои яклухт ва чаканаи моли ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо ба роҳ мондаанд;

2. тарҳрезӣ ва истифодаи механизми ягонаи маъмуригардонии гумрукию андозӣ, инчунин, назорати асъорӣ доир ба таъсис ва

---

58 Нидоев П.Ф. Роҳҳои муосири таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон./ Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2017.- 138с.

59 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон . –Душанбе,2015.-232с.

истифодаи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионии дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ асосёфта;

3. такмили воситаҳои зарурии таъмини ҷамъоварии пурраи пардохтҳои гумрукӣ, бо дар назар доштани markupазнавтақсимкунии сарбории маъмурӣ оид ба назорати гумрукӣ нисбати иштирокчиёни бовиҷдони ФИБ аз марҳилаи декларатсиякунонии гумрукӣ ва иҷозати мол, ба марҳилаи баъди иҷозати мол;

4. интихоби объектҳои назорати гумрукӣ, инчунин, пешбурди назорат бо мақсади амалисозии назорати баъди иҷозати мол;

5. истифодаи оқилонаи интихоб ва шаклҳои назорат ва ҳамзамон баланд бардоштани самаранокии онҳо ва ғайра.

Инчунин зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи чорабиниҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар чорабиниҳои ба мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ барои ҳифзи манфиатҳои дохилию берунии давлат, ташкилоту корҳонаҳо ва шаҳрвандон равона карда шавад.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорию такмилу амалисозии сиёсати давлатӣ арзёбии хизматрасониҳои гумрукӣ бояд ҳамчун шохаи муҳимтарини фаъолияти иқтисодии байналмиллалӣ ба роҳ монда шуда, дар тадбиқи рушди иқтисодиёти миллӣ аз ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва ҷалби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва беҳатар намудани сифати он саҳми босазоро гузорад. Дар ин ҷода қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ин фаъолиятҳои номбаршуда танҳо дар натиҷаи ташкили дурусти танзими хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ амалӣ карда мешаванд.

Инчунин дар ин замина мо арзёбӣ ва идоракунии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ зарур аст. Самти муҳими такмили фаъолияти мақомоти гумрук баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ва риояи қонунгузорӣ ҳангоми

амалиётҳои гумрукӣ буда, бояд ҷорӣ намудани системаи идоракунии сифат дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад.

Бояд қайд намуд, ки мазмуни мафҳуми «сифати хизматрасонии гумрукӣ» бо мафҳуми асосии категорияи сифат асос ёфтааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат аст (расми 3.1.):




Расми 3.1. Системаи идоракунии сатҳи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар низоми идоракунии мақомоти гумрук (пешниҳоди муаллиф)

Аз расми 3.1. бармеояд, ки системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ бояд ба принсипҳои идоракуни асос ёфта баррасии субъект ва объекти идоракуниро дар бар гирад.

Дар ин раванд баррасии омӯзиши фаъолияти мақомоти гумрук муайян кардани омилҳо ва сабабҳое, ки ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ таъсир мерасонанд зарур буда, пешниҳодҳои тавсияшаванда оид ба масъалаи мазкур ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ равона карда шавад. Аз ин лиҳоз категорияи муҳими идоракунии кори гумрукӣ, ин сифати расонидани хизматрасониҳо мебошад.

Дар раванди баҳодиҳии системаи манфиатҳо таҳқиқи талаботи аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ

гузошташударо дар асоси ба даст овардани фоидаи зарурӣ муайян намудан бо нишон додани ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда имконпазир аст.

Ба ақидаи мо сохтори системаи идоракунӣ, манфиатҳои ҷонибҳо ва идоракунии сатҳи сифати хизматрасониҳои гумрукиро ба онҳо дар бар гирифта ва бо чунин тарз ба роҳ монда мешавад ( расми 3.2.).




Расми 3.2. Таркиби сохтори системаи манфиатҳо дар раванди идоракунии сатҳи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ (пешниҳоди муаллиф).

Дар маҷмӯ омӯхтани сохтори андозаҳои арзёбии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукиро муҳим мешуморем, ки ин бо сатҳи таъминоти моддию техникӣ, сатҳи ташкили фаъолияти мақомоти гумрук, сифати меҳнати кормандони мақомоти гумрук, сатҳи назорати сифати хадамоти гумрук, сифати дастгирии иттилоотӣ ва таъминоти меъёрии фаъолияти мақомоти гумрук алоқаманд мебошад (расми 3.3.).




Расми 3.3. Таркиби арзёбии сатҳи сифати баҳодиҳии хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ (пешниҳоди муаллиф)

Дар раванди таҳқиқи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ мо истифодаи натиҷаи фаъолияти мақомоти гумруки ҷумҳуриро зарур мешуморем.

Барои беҳтар намудани самаранокии танзими хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ барои рушди манфиатҳои иқтисодӣ такмили маъмуригардонии гумрукӣ хело муҳим мебошад.

Яке аз омилии асосии баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ - ин пурра гузаштан ба декларатсиякунонии электронии моли таҳти расмиёти гумрукии транзити байналмилалӣ қарордошта мебошад. Ин имконият медиҳад ба иштирокчиёни ФИБ пешниҳоди якмаротибаи ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани амалиёти гумрукӣ зарурӣ имконият дода шавад. Декларатсикунонии электронии расмиёти гумрукӣ барои такмил додани маъмурикунонии гумрукӣ дар самти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ нақши асосиро мебозад. Омили дигари рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ин такмил додани назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол мебошад. Бо

мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол аз тартиби истифодаи содагардонии он вобаста аст.

Дар ҷадвали 1 замимаи 3 натиҷаи таҳлили муқоисавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2018-2020 оварда шудааст. Аз маълумотҳо дида мешваад, ки соли 2020 дар соҳаи гумрук дар ҷумҳурӣ 4280 қонуншиканӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 18 адад зиёд аст (+ 0,4%). Шумораи бештари ҷиноятҳо ба вилояти Суғд рост меояд - 3147 (73,5%); дар вилояти Хатлон 409 қонуншиканӣ (9,6%); дар Душанбе бошад - 11,1% (475) ба қайд гирифта шудааст.

Аз натиҷаҳо бармеояд, ки тамоюли афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳо дар маҷмӯъ, дар кишвар ва субъектҳои соҳаи гумрук мавҷуданд. Ҳиссаи парвандаҳои барои ҷиноятҳои маъмурӣ оғозшуда дар ҷумҳурӣ -98,3%, дар вилояти Суғд -98,6%, дар вилояти Хатлон -98,8% ва дар Душанбе - 96,6% -ро ташкил доданд.

Дар асоси баҳодиҳии динамикаи ҷиноятҳои номбаршуда муайян намудем, ки ба ин нишондиҳанда + 0,9% афзудааст. 3956 субъект ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷалб карда шуданд, ки ин нисбат ба соли 2019 - 69 адад камтар аст. Маблағи ҷазо барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар маҷмӯъ дар кишвар 4 025 110 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 -13,6% камтар аст. Пардохти гумрукӣ барои ин ҳуқуқвайронкуниҳо дар асоси қарори суд 43 948 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 - 67,6% камтар аст. Аз мусодираи молҳо аз ҷониби хадамоти гумруки ҷумҳурӣ, ки бо қарори суд -5 107 303 сомонӣ ба даст омадааст, шумораи қонуншиканиҳо дар ин самт бошад - 2055 ададро ташкил додаанд.

Миқдори зиёди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба декларатсия ё эътимод надоштани он (52,4%) оғоз карда шудаанд.

Дар асоси маълумотҳои Хадамоти гумрук, мо муқаррар кардем, ки ҳиссаи декларатсияи электронии бори гумрукӣ (ДБГ) дар мӯҳлати

муқаррарӣ баровардашуда дар сатҳи баланд - 99,24% боқӣ мондааст. Ҳиссаи декларатсияҳои гумрукии ба мақомоти гумрук пешниҳодшуда бо хатогиҳо аз 3,5% дар соли 2015 то 2,4% дар соли 2022, аз ҷумла бо хатогиҳои интиқодӣ аз 0,16% то 0,09%. коҳиш ёфт. Коҳишёбии маблағи пардохтҳои иловагии гумрукӣ, аз рӯи натиҷаҳо чунин баҳогузорӣ карда шудаанд: аз 0,92% дар соли 2015 то 0,15% дар соли 2022.

Ҳиссаи мутахассисоне, ки ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода, боиси пардохти иловагии гумрукӣ гардиданд, дар соли 2022 то 2,5% коҳиш ёфтааст, ки ба ин омил - сатҳи тахассуси кормандон - то 90%, ки тақрибан ҳамаи онҳо дар доираи барномаҳои такмили ихтисос таълим гирифтаанд, таъсир расонидааст.

Дар Раёсати минтақавии гумруки шаҳри Душанбе, тамоюли афзоиши истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар сохторҳои гумрук ба назар мерасад, ки сатҳи он 72,0% -ро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ, вазъи кунуниро мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо, бо вуҷуди тамоюлҳои мусбат ҳоло , шумораи ҳам қонуншиканҳо дар соҳаи гумрук зиёд мебошад.

Дар Раёсати минтақавии гумруки вилояти Суғд афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳо 10,3% (+ 294 адад), аз ҷумла маъмурӣ - 9,7%; шумораи ҷиноятҳо дар ин самт 2,1 маротиба афзудааст. Дар ин радиф ҳаҷми ҷаримаҳои ситонидашуда 2,4 маротиба, миқдори молҳои мусодирашуда 5,8 маротиба афзудааст, ки ин пурзӯр шудани назорат дар расмиётҳои гумрукиро нишон медиҳад. Ҳамзамон, бо коҳиш ёфтани шумораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ 20,6% ҳаҷми миёнаи ҷаримаҳо барои ҳар як иштирокчӣ 3 маротиба зиёд шудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо, ҷиноятҳо қасдан содир нашудаанд, балки онҳо аз сабаби хатогиҳо қайдгузорӣ карда шудаанд. Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мушкилии муайян ин тафтиши эътимоднокии маълумоти дар ДБГ пешниҳодкарда, аз ҷумла, вобаста ба рамзи таснифи мол

мебошад, ки дар робита ба ин озод кардан аз пардохт ё кам кардани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳоро кормандони гумрук амалӣ намудаанд. Мушкилоти дигар муайян кардани арзиши мол маълумоти объективии нархҳо мебошад, ки манбаи он пойгоҳи дохилии гумрукӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии раванди хизматрасонии гумрукӣ аз татбиқи манфиатҳои иштирокчиёни ин раванд вобаста буда онҳо ба сатҳим сифати онҳо чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

1. Манфиати намояндаи гумрукӣ аз содда намудан ва ягонасозии расмиёти бақайдгирӣ ва назорати устувории онҳо дар рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ.

2. Мақомоти гумрук ба коҳиш додани миқдори декларантҳои гумрукии бори номувофиқ, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони гумрукӣ ва эътимоднокии маълумоти пешниҳодшуда аз тарафи декларантҳо манфиатдор аст.

3. Иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ба кам кардани мӯҳлати ҳуҷҷатгузорӣ ва хароҷот манфиатдоранд.

Дар маҷмӯ татбиқи комплексии манфиатҳои номбаршуда бояд ба заминаи меъёрие, ки ба талаботи муосири рушди фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд, мувофиқат кунад.

Масъалаи дигар дар ин раванд омӯзиши сиёсати нархгузории аз ҷониби мақомоти гумрук амалишаванда ба иштирокчиёни савдои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки барои бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳои гумрукиро интихоб намоянд.

Инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумруки ҷумҳурӣ, сатҳу сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, омилҳои зиёде вобаста аст, ки таъсири онҳоро бо истифодаи PESTLE-таҳлил муайян намудан имконпазир аст.

Барои истифодаи ин усул мо дар асоси пурсиши 300 нафар иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалиро дар мудириятҳои минтақавии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидем.

Дар ҷадвали 3.4 натиҷаҳои PESTLE - таҳлили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ ва омилҳое, ки ба сифати хизматрасониҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд пешниҳод карда шудаанд.

Ҷадвали 3.3.-Натиҷаи PESTLE - таҳлили сатҳу сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мудириятҳои минтақавии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

| Ишора | Тавсифи омилҳо | Аҳамият барои мақомоти гумрук (AT) [1, ..., 5] | Дараҷаи таъсир ба мақомоти гумрук (АЗ) [1, ..., 10] | Самт (N) (+/-) | Дараҷаи В * * Н |
|---|---|---|---|---|---|
| P1 | Зарурати риояи талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо | 5 | 10 | + | +50 |
| P3. | Равандҳои ҳамгирой бо Иттиҳоди иқтисодии Авропою Осиё | 5 | 8 | + | +40 |
| E1 | Тағйирёбии нархи қувваи барқ | 5 | 9 | - | -45 |
| E2 | Зарурати диверсификатсияи амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва дастгирии соҳибкоронӣ истеҳсолӣ | 5 | 7 | - | -35 |
| E3 | Тақвияти функсияи назорати молиявӣ дар фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 | 10 | + | +50 |
| S1 | Таъсиси системаи муассири идоракунии кадрҳо дар хадамоти гумруки ҶТ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои муосир | 5 | 6 | + | +30 |
| S2 | Рушди низоми ҳавасмандгардонии молиявии кормандони Хадамоти гумруки ҶТ | 4 | 5 | + | +20 |

анҷоми ҷадвали 3.3.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| T1 | Модернизатсияу автоматизатсияи ХГ НҲҶТ бо назардошти истифодаи низомҳои гумрукӣ | 5 | 5 | + | +25 |
| T2 | Таъсиси платформаҳои иттилоотии умумӣ дар доираи «Равзанаи ягона» | 5 | 10 | + | +50 |
| T3 | Таъминоти электронии хадамоти гумрук | 5 | 10 | + | +50 |
| L1 | Истифодаи механизми | 4 | 10 | + | +40 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | танзимӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ | | | | |
| L2 | Баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ дар доираи СУС | 4 | 10 | + | +40 |
| L3 | Андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 | 10 | + | +50 |
| E1 | Иштирок дар барномаҳои экологӣ | 5 | 6 | + | +30 |
| E2 | Беҳтар намудани шароити зисти кормандони хадамоти гумруки ҶТ | 5 | 7 | + | +35 |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф

Дар асоси натиҷаҳои ба дастовардашуда мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Омилҳои асосие, ки ба сатҳи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсири назаррас мерасонад, истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва риояи талаботҳои ҳуқуқию маъмуриро ҳангоми пешбурди фаъолияти гумрукӣ дар бар мегиранд.

2. Истифодаи усули маърифатӣ ба арзёбии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии татбиқи стратегияи рушд ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

Барои беҳтарсозии пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ амали намудани чораҳои зеринро зарур мешуморем:

- ба амал баровардани назорати муосири гумрукӣ дар асоси истифода ва интихоби низомҳои гумрукӣ;

- таъмини расмиётҳои содагардонидашудаи гумрукӣ ба иштирокчиёни ФИБ;

- пешбурд ва ҳалли масъалаи додани машваратҳои гумрукӣ ба иштирокчиёни ФИБ ва ғайра.

Дар асоси ин бандҳо инчунин пешниҳодҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор доданд бамаврид аст:

- аз нав дида баромадани нақшаҳои таълимӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста пешниҳоди хизматрасониҳои муосир ва истифодаи асосноки низомҳои гумрукӣ;
- беҳдошти равандҳои ҳамгирой бо гумруки давлатҳои хориҷӣ;
- дуруст ба роҳ мондани омори гумрукии махсус дар тамоми ҷузъу томҳои мақомоти гумрук.

Инчунин бо назардошти ба назар гирифтани манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли чунин масъалаҳо зарур аст:

- тезондани суръат, амалинамоии бозсозии сохторӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар;
- таъмини ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва сармоя дар ҳудуди Иттиҳоди давлатҳои муттаҳид;
- таъмини гардиши озоди қувваи коргарӣ дар миқёси байнидавлатӣ;
- тавонбахшии иқтидори содиротии кишвар;
- табдилдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаи сарбаста ба минтақаи транзитӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, таҳлили баҳодиҳии сатҳи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар ҷумҳурӣ, зарурати такмили онҳоро тавассути истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва амали намудани стратегияи оптималии рушди мақомоти гумрук дар чорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 тақозо мекунад.

Бо амалӣ шудани чунин самтҳо, ҳалли мушкилоти беҳтарсозии самаранокии танзими хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар раванди ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад.

Бо дарназардошти ин ба асоснoккунӣ ва пешниҳоди самтҳои рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарем.

## 3.3. Самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити кунунӣ аз нигоҳи мо, пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукиро дар асоси мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ сурат мегирад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда имконият медиҳанд, ки баҳодиҳии ташаккулёбӣ ва инкишофи динамикаи гардиши савдои берунаи мол, ҳисоб намудан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҳамчун асоси риояи қонунгузории гумрукӣ хело зарур аст . Аз тарафи дигар самаранокии фаъолияти гумрукӣ, дар шаффофият ва иҷрои пурраи қоидаҳо, ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ, интихоби низомҳои асосноккардашудаи низомҳои гумрукӣ боиси он мегардад, ки молу воситаҳои нақлиёти интиқолшаванда, дар муддати кӯтоҳ аз сарҳади гумрукӣ гузаронида шуда, ба бозори дохилӣ ва берунӣ ворид шуда талаботро ба онҳо сари вақт қонеъ гардонанд.

Бо ин мақсад, пеш аз ҳама, дар раванди баҳодиҳӣ низоми нишондиҳандаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти гумрукро ҷудо намуда, онҳоро ба ду гурӯх ҷудо намудан зарур аст:

1. Нишондиҳандаҳои инъикосдиҳандаи тартиб, афзоиш ва пешниҳоди хизматрасониҳо ба иштироккунандагони фаъолияти иқтисодӣ байналмилалӣ аз тарафи мақомоти гумрук.
2. Нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи манбаҳои баланд бардоштани сифати пешниҳоди хизматрасонии гумрукӣ ва сарфа намудани хароҷотҳои иштироккунандагони фаъолияти иқтисодӣ байналмилалӣ.

Ба ақидаи мо истифодаи ин низоми баҳодиҳӣ имконият медиҳад, ки мавқеи мақомоти гумрук дуруст баҳо дода шуда, саҳми он дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад.

Ба гурӯҳи аввал нишондиҳандаҳое дохил карда шудаанд, ки бо ёрии онҳо таҳлил ва баҳодиҳии динамикии пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ гузаронида мешавад.

Дар ин раванд яке аз самтҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарсозии онҳо бо дарназардошти созишномаи қарзӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёгии Рушд ба роҳ монда шудаааст. Бо ин мақсад аз соли 2005 то инҷониб Маркази идораи Лоиҳаи минтақавии таҳкими гумрук ва рушди инфраструктураи назди Хадамоти гумрук фаъолият менамояд, ки масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳа ба зиммаи он гузошта шудааст.

Бояд қайд намул, ки амали шудаи лоиҳаҳои таҳкими фаъолияти гумрукӣ ва рушди инфрасохтори он барои беҳдошти кори ин мақомот ҳиссаи беназир гузоштанд.

Дар солҳои охир сиёсати гумрукии кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф, нисбатан мавзун ва қобили мулоҳиза гардид. Вай ба он хос мебошад, ки ба тағйири вазъи ҷаҳон мувофиқ омад ва сабаби инкишофи ҳамкарии байналмилалии иқтисодӣ, мустаҳкам гардидани иқтисодиёти миллӣ шуд ва аксарияти мамлакатҳои Ғарбу Шарқ нисбати баъзе навъҳои молҳои воридотии саноатӣ ва кишоварзӣ боҷи гумрукиро кам карданду аз истифодаи усулҳои анъанавӣ, аз қабили муҳосираи гумрукӣ,ҷанги гумрукӣ ва маҳдудиятҳои гумрукӣ даст кашиданд.

Дар шароити муосир сиёсати гумрукӣ ва воситаи пурзӯр ва ба амал баровардани он аз ҷониби – мақомоти гумрук дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ, созишномаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аснод ва тавсияҳои созмонҳои байналмилалии гумрукӣ сурат мегирад. Сохтори имрӯзаи мақомоти гумрукии аксарияти мамолики ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро идораҳои давлатие ташкил мекунад, ки воридоту содироти тамоми навъҳои молҳоро аз сарҳад интиқолшаванда ва бағоҷ ва додани бору гирифтани боҷу андози муқарраршударо,

назорат мебаранд. Бахшҳои асосии хадамоти гумрук дар Тоҷикистон дар истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳ ва нуқти сарҳадӣ ҷой гирифтаанд.

Имрӯз бештар аз 140 мамлакати ҷаҳон аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук (СУГ) гардиданд, ки аз соли 1952 фаъолият мекунад ва оид ба ташкил кардан ва инкишоф додани хадамоти замонавии пурмаҳсули гуногуни гумруки миллӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, махсусан дар он мамлакатҳое, ки роҳи дигаргунсозиҳои бозорӣ ва бозоргониро интихоб кардаанд, кори бисёеро ба субот мерасонад.

Ин созмони байналмилалӣ ба доманадор ва пойдор шудани ҳамкории ҷаҳонии гумрукӣ, инкишоф ёфтани равандҳои тиҷорати ҷаҳонӣ мусоидат мекунад, ба низом даровардани фаъоляти гумрукҳои миллиро роҷеъ ба муҳофизат кардани манфиатҳои иқтисодии мамлакатҳои худ ба роҳ мемонад.

Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки созишномаи мазкур амалан нақши ба худ хоси қонуни умумии савдои ҷаҳонро бозӣ мекунанд. Вай дар шароити иқтисодиёти бозорӣ таҷрибаи ғании низоми иқтисодиёти хориҷиро дорост. Равобити байналмилалии Хадамоти гумруки Тоҷикистон, ҳамкории онҳо дар соҳаҳои мухталиф ривоҷ мегиранд ва густариш меёбанд. Ҳамаи онҳо дар сохтори давлатии назми робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ, ташаккули буҷети давлат, таъмини амнияти иқтисодии мамлакатҳои худ нақши муҳимеро иҷро мекунанд.

Фаъолияти гумрукӣ дар марҳалаи ташаккул ёфтани худ қисми ҷудонопазири сиёсати хориҷии давлат буда, ҳаҷм сохт ва шароити воридоту содироти молро танзим месозад. Дар айни вақт ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба савдои байналмилалӣ ҷалб шудаанд. Тиҷорати байналмилалӣ дар шароити инкишоф ёфтани иқтисоди байналмилалӣ дар байни мамлакатҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ назар ва рушди босурати афзоиши истеҳсолот бо суръати нисбатан бештаре пеш меравад.

Танзими муосири фаъолияти гумрукӣ, ки ҷиҳатҳои мусбати дар марҳалаи гузаштаи тараққиёти ҷамъиятӣ дар худ омилҳои

мусоидаткунандаи амнияти миллӣ, бехатарии иқтисодиро дар бар гирад. Ин сиёсат иҷрои қонуну қоидаҳои гумрукиро таъмин сохта, дар айни ҳол, як силсила вазифаҳои барои ҳаёти мамлакат зарур ва муҳимро ба ҷо меорад.

Якум, бо мақсади таъмини шароити мусоид барои истеҳсолкунандагони ватани кишвар дар бозори дохилӣ ва эмин доштани онҳо аз рақобати воридкунандагон фишангҳои анъанавии протексионизми тиҷоратиро, дар шакли боҷҳои воридотӣ ва тарифҳо истифода мебаранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки дар сурати истифодаи тарифи воридотӣ, онро барои иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ, молиявӣ, истифода бо дарназардошти қисман маҳдуд сохтани, коҳиши омилҳо равона кардан зарур аст.

Ин падидаи нав, пеш аз ҳама, ба давлатҳои ҷаҳон тааллуқ доранд, зеро ҳифозати таърифро ҳамчун як манбаи даромади давлатӣ истифода мебаранд. Аз 1/4 то 3/15 ҳиссаи буҷет давлатии мамлакатҳое, ки даромади пасти миллӣ доранд, ҳоло аз ҳисоби боҷҳои гумрукӣ таъмин мешавад.

Вобаста ба ташкили дуруст ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар заминаи дастгирӣ ёфтани соҳибкорони истеҳсолӣ, дурнамои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 зарур аст.

Инро ба назар гирифта, муайян намудани дурнамои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ба роҳ монда шудааст. Дар ҷадвали 3.4. натиҷа ҳисобҳо бо истифодаи барномаи Exzel пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 3.4.-Дурнамои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (млн.сомонӣ)

